# ҲИСОБОТИ СОЛОНА 2022

ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ ПАСАНДОЗҲОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ

www.idif.tj

# ХАЗИНА

Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ (минбаъд дар ҳисобот Хазина) бо мақсади ҳифзи пасандозҳои аҳолӣ аз хавфи муфлисшавии ташкилоти қарзӣ дар асоси қарори муассисон соли 2004 ҳамчун “Фонди кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ” таъсис дода шудааст. Дар натиҷаи таҷдиди сохтори ташкилию ҳуқуқӣ ва мавриди амал қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”, Хазина вориси ҳуқуқии “Фонди кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ” гардида, ҳуқуқу уҳдадориҳо, молу мулк ва кафолатҳои онро ба зимма гирифт.

Заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти Хазина бо Қонуни болозикр танзим карда шуда, мутобиқи он мақсади асосии Хазина ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон бо роҳи пардохти ҷубронпулии суғурта ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Қонуни мазкур ба андозаи муайян суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеиро дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина кафолат медиҳад.

Бахри ноил гардидан ба мақсадҳои худ Хазина фаъолияти низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеиро танзим менамояд, ҷубронпулии суғуртаро сари вақт муайян ва ба пасандоздорон пардохт мекунад, феҳристи ташкилотҳои қарзии узви Хазинаро омода менамояд, пардохтҳои ташкилотҳои қарзиро арзёбӣ, ҷамъоварӣ ва баҳисобгирии онро амалӣ менамояд, бо мақсади андӯхти молу мулки Хазина маблағҳои Хазинаро сармоягузорӣ, идора ва ҷойгир мекунад. Ғайр аз ин, тибқи Қонун ваколатҳои Хазина иштироки онро дар раванди батанзимдарории ташкилотҳои қарзӣ пешбинӣ менамояд.

Хазина дар раванди фаъолияти корӣ принсипҳои ҳатмӣ будани узвияти ташкилотҳои қарзӣ, ки иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистонро барои ҷалби пасандозҳои шахсони воқеӣ доранд, таъмини шаффофият ва масъулияти молиявиро асос мекунад.

Мақоми олии идоракунии Хазина, ки барои назорати умумии фаъолияти Хазина масъул аст, Шӯрои нозирони он мебошад.

**Бо Қарори Шӯрои нозирони**
**Хазинаи суғуртаи пасандозҳои**
**шахсони воқеӣ № _02_**
**аз “_03__” _марти_ с.2023**
**тасдиқ шудааст**

# ҲИСОБОТИ СОЛОНАИ ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ ПАСАНДОЗҲОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ БАРОИ СОЛИ 2022

**Душанбе – 2023**

# МУНДАРИҶА

**ИХТИСОРАҲО...................................................................................................4**

**МУҚАДДИМА...................................................................................................5**

**1. ШАРҲИ МУХТАСАРИ ВАЗЪИ МАКРОИҚТИСОДӢ ВА НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ НИЗОМИ БОНКӢ...............................6**

1.1. Бахши макроиқтисодӣ.......................................................................................6
1.2. Бахши низоми бонкӣ........................................................................................13
1.3. Қарздиҳӣ ва ҷалби пасандозҳо аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ..........................................................................17

**2. НИЗОМИ СУҒУРТАИ ПАСАНДОЗҲО ВА ТАЪМИНИ ФАЪОЛИЯТИ МУНАЗЗАМИ ОН......................................................................21**

2.1. Иштироки ташкилотҳои қарзӣ дар низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ.. ........................................................................22
2.2. Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина ва пардохти ҷубронпулии суғурта..............................................................24
2.3. Суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ аз ҷониби Хазина.........................30
2.4. Арзёбии пардохтҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина.................36
2.5. Санҷиши ташкилотҳои қарзии узви Хазина ............................................37

**3. ТАЪМИНИ ИҶРОИ ДИГАР ВАЗИФАҲОИ ХАЗИНА................................38**

3.1. Фаъолияти сиёсати сармоягузорӣ ва идоракунии маблағҳо...................38
3.2. Такмили қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ................................41
3.3. Фаъолияти таблиғотӣ ва робита бо ҷомеа..................................................43
3.4. Сохтори ташкилӣ ва такмили ихтисоси кормандон.................................46
3.5. Ҳамкориҳои байналмилалӣ.............................................................................47

**4. ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ ХАЗИНА...............................................................49**

**ЗАМИМАҲО..........................................................................................................52**

# ИХТИСОРАҲО

**АБСП (IADI) –** Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо

**БМТ –** Бонки миллии Тоҷикистон

**БАТР –** Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд

**БОР –** Бонки Осиёгии Рушд

**Вазорати молия -** Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИМА –** Иёлоти муттаҳидаи Америка

**КМА, Кумитаи АБСП (IADI)-** Кумитаи минтақавии Авруосиёи Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо

**Қонун –** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”

**ММД –** Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ

**Ташкилоти қарзии узви Хазина -** Ташкилотҳои қарзии – узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ

**ТАҚХ –** Ташкилоти амонатии қарзии хурд

**ТҚ –** Ташкилоти қарзӣ

**ТҚМ –** Ташкилотҳои қарзии молиявӣ

**Хазина –** Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ

**ХБА –** Хазинаи байналмилалии асъор

**Шӯрои нозирон -** Шӯрои нозирони Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ

**ҶДММ –** Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд

**ҶСК –** Ҷамъияти саҳомии кушода

**ҶСП –** Ҷамъияти саҳомии пӯшида

**ҶТ –** Ҷумҳурии Тоҷикистон

# МУҚАДДИМА

Дар соли 2022 сарфи назар аз омилҳои таъсиррасони берунӣ раванди рушди устувори иқтисодиёти кишвар ва низоми молиявии он идома ёфта, мунтазам афзоиши устувори талаботи дохилӣ, фаъолнокии иқтисодӣ ва бо ададҳои мусбӣ ҷамъбаст ёфтани нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодию молиявӣ мушоҳида гардид.

Дар баробари ин, татбиқи сиёсати пайгиронаи иқтисодӣ, андешидани чораҳои зиддибуҳронӣ ва идоракунии хавфҳои макроиқтисодию молиявӣ, аз ҷумла дар бахши фискалӣ нигоҳдории касри буҷет ва қарзи давлатӣ дар доираи нишондиҳандаҳои нисбатан муътадил, дар бахши монетарӣ таассури мусбати сиёсати монетарӣ ҷиҳати расидан ба ҳадафи муайяншудаи таваррум, таъмини тағйирёбии муътадили қурби пули миллӣ ва захираҳои байналмилалӣ боиси рушди устувори иқтисодиёт гардид.

Бояд қайд намуд, ки дар соли 2022 бадшавии шароити тиҷорату савдои берунаи ҷаҳонӣ[1] вобаста ба афзоиши нархҳои воридотии маҳсулоти сӯзишворӣ ва озуқа дар бозорҳои ҷаҳонӣ, низоъ ва бухронҳои геосиёсӣ, инчунин номуайянӣ вобаста ба мавҷҳои нави пандемия аз омилҳои манфии ба фарогирии рушд, сатҳи таваррум ва хароҷотҳои бахшҳои истеъмолию истеҳсолӣ таъсиррасон арзёбӣ гардиданд.

Дар соли ҳисоботӣ вазъи низоми бонкӣ ва нишондиҳандаҳои асосии молиявии он тамоюли мусбати худро идома дода, дар устувории меъёрҳои сармоя, пардохтпазирӣ ва сифати дороиҳо инъикос ёфт. Ҳамзамон, ҳаҷми қарзҳои додашудаи низоми бонкӣ, алалхусус ба бахши хусусӣ афзоиши назаррасро нишон дода, ҳаҷми пасандозҳои шахсони воқеӣ дар низоми бонкӣ афзоиши назаррас дошт.

Хазина фаъолияти худро дар соли 2022 ҷиҳати таъмини ваколатҳои вогузоршуда бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорон ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар амалӣ намуд. Дар ин раванд, Хазина тадбирҳоро дар самти

[11] Ба истилоҳ англисӣ: *Terms of trade*

танзими босамари низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ идома дода, пардохти ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздорони ташкилотҳои қарзии барҳамдодашуда саривақт ва ба пуррагӣ таъмин намуд, ки ин барои нигоҳдории суботи молиявии низоми бонкӣ саҳми бевоситаи худро гузошт.

Дар соли сипаришуда баҳри таъмини самаранокии иҷрои мақсаду вазифаҳо, таъмини устувории молиявӣ, такмили заминаҳои ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии дохилӣ аз ҷониби Хазина дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва вазорату идораҳои дахлдор тадбирҳои зарурӣ андешида шуданд.

Ҳисоботи солонаи Хазина барои соли 2022 мутобиқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» омода гардида, он таҳлили вазъи низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, фаъолияти Хазина дар самти иҷрои вазифаҳои вогузоршуда ва ҷамъбасти натиҷаҳои ҳисоботи молиявии Хазинаро дар бар мегирад.

# 1. ШАРҲИ МУХТАСАРИ ВАЗЪИ МАКРОИҚТИСОДӢ ВА НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ НИЗОМИ БОНКӢ

Вазъи макроиқтисодӣ ва низоми бонкӣ аз омилҳои асосии ба тамоюли рушди низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ таъсиррасон ба шумор меравper. Хазина раванди тағйирёбии иқтисодиёти ҷаҳон, таъсири хавфҳо ва омилҳои дохилию беруниро ба устувории макроиқтисодии кишвар, вазъи низоми молиявию бонкӣ ва низоми суғуртаи пасандозҳо бо назардошти таъмини фаъолияти муназзами Хазина пайваста мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор медиҳад.

## 1.1. Бахши макроиқтисодӣ

Соли 2022 бо авҷ гирифтани зиддиятҳои геосиёсӣ, шиддатнокии таҳримҳо ва ноoромӣ дар минтақаи пасошӯравӣ, бахусус низоъи ҳарбӣ дар қаламрави Украина ва Русия хотирмон гашт, ки дар навбати худ он дар миқёси ҷаҳон ба бад шудани шароити тиҷорату гардиши сармоя,

болоравии бесобиқаи сатҳи нархҳо (пеш аз ҳама нархи маводи сӯзишворӣ ва озуқа) ва пешбурди сиёсатҳои қатъии монетарӣ оварда расонид. Тибқи таҳлилҳои Хазинаи Байналмилалии Асъор[2] дар соли 2022 имкониятҳои рушд барои иқтисодёти ҷаҳон хеле маҳдуд гашта, суръати рушди иқтисодиёти ҷаҳон нисбат ба соли қаблӣ қариб ду маротиба коҳиш ёфт.

Сарфи назар аз хавфҳои афзуда, вазъи номуътадил дар кишварҳои шарикони асосии савдо ва таъсири омилҳои болозикри берунӣ ба иқтисодиёти мамлакат, дар соли сипаришуда нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ ба таври ғайричашмдошт дар сатҳи муътадил нигоҳ дошта шуда, афзоиши назарраси маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ба қайд гирифта шуд. Тибқи маълумоти омори расмӣ дар соли 2022 ҳаҷми ММД 115,7 млрд. сомониро ташкил дода, рушди воқеии он дар сатҳи 8,0 фоиз ҷамъбаст ёфт, ки ин яке аз нишондиҳандаҳои баландтарин миёни кишварҳои рӯ ба инкишофи ҷаҳон ба ҳисоб меравад.

**Афзоиши ММД ва рушди воқеии он** (манбаъ: Агентии омор)




[2] ***Ниг. ба ҳисоботи зерини ХБА:*** *"International Monetary Fund. 2022. World Economic Outlook: Countering the Cost-of-Living Crisis. Washington, DC. October."*

Дар соли 2022 дар маҷмуъ қариб ҳамаи унсурҳои асосии ММД, пеш аз ҳама соҳаҳои саноат 15,4 фоиз ва кишоварзӣ 8,0 фоиз тамоюли рушди мусбиро нишон доданд. Индикаторҳои асосии нишондиҳандаи фаъолнокии иқтисодиёт, ки ҳамавақт дар давраҳои бухронӣ рӯ ба таназзул мениҳанд - соҳаҳои хизматрасонӣ ва сохтмон низ рушди устуворро мувофиқан 16,0 фоиз ва 11,4 фоиз нишон доданд.

Аз тарафи омилҳои унсури талабот рушди мазкури иқтисодиёт бо раванди тағйирёбии муътадили талаботи истеъмолии дохилӣ вобаста ба афзоиши вуруди интиқолҳои пулии муҳоҷирони меҳнатӣ ва музди миёнаи меҳнат алоқамандӣ дошт. Дар баробари ин, омилҳои монетарӣ ва фискалӣ аз ҳисоби устувории қурби пули миллӣ, афзоиши ҳаҷми қарздиҳии ташкилотҳои молиявии қарзӣ, хароҷотҳои сармоявии бахши давлатӣ ва тибқи таҳрири нави Кодекси андози ҶТ нисбатан паст шудани меъёрҳои андозбандӣ (андоз аз даромад, андоз аз арзиши иловашуда ва андози иҷтимоӣ) бевосита ба фаъолнокии иқтисодӣ мусоидат намуданд.

Аз дигар тараф, омилҳои дигари таъсиррасон, аз қабили шокҳои экзогении бо болоравии нархҳои воридотии маводи асосии истеъмолӣ ва косташаваии занҷираҳои савдои фаромарзӣ вобаста, дар пасманзари муборизаҳои геосиёсӣ пайваста саҳми манфии худро ба сатҳу сифати фаъолнокии иқтисодӣ гузоштанд.

Ҳаҷми ММД ба сари аҳолӣ дар интиҳои соли 2022 тибқи маълумоти фаврӣ 11,5 ҳаз. сомонӣ ё худ 1 132,0 долл. ИМА-ро ташкил дод, ки ин нисбат ба соли қаблӣ мувофиқан 15,5 фоиз ё худ 29,1 фоиз зиёд мебошад.

Дар соли 2022 бинобар талаботи назарраси дохилӣ ва косташавии шароити савдо[3] дар натиҷаи болоравии нархҳои номиналии маҳсулоти воридотӣ, вазъи тавозуни савдои ҷумҳурӣ бо дигар мамлакатҳо заифтар шуда, ба зиёдшавии касри он дар қиёс ба соли 2021 ба андозаи 46,9 фоиз мусоидат намуд. Аз ҷумла, ҳаҷми воридот нисбат ба соли қаблӣ ба андозаи 22,8 афзоиш ёфт, ки ба он афзоиши сатҳи талаботи дохилӣ ва

[3] *Ба истилоҳи байналмилалӣ: “Terms of trade”*

устувории намояи қурби самараноки воқеӣ аз як тараф ва болоравии сатҳи нархҳои воридотӣ аз тарафи дигар мусоидат намуд. Ҳаҷми содирот бошад дар натиҷаи коҳиш ёфтани содироти сангу филизоти қиматбаҳо, тақрибан дар доираи нишондиҳандаи соли қаблӣ боқӣ монда, ҳамагӣ ба андозаи 0,4 фоиз коҳиш ёфт.

**Тамоюли гардиши савдои хориҷии ҶТ, бо млрд. доллари ИМА**
**(манбаъ: Агентии омор)**




Тавре қаблан зикр гардид, тамоюли болоравии намояи нархҳои ҷаҳонии маводҳои озуқаворӣ ва сӯзишворӣ, ки аз соли 2021 зери таъсири сиёсати ҳавасмандонаи зиддибуҳронии монетарӣ ва барқарорёбии унсури талаботи баъдипандемӣ суръат гирифта буд, дар соли 2022 (бахусус, дар нимсолаи аввали он) шиддат ёфт.

Илова ба раванди мазкур, вайроншавии мувозинатии талаботу таклифоти ҷаҳонӣ бинобар косташавии занҷираҳои тақсимотию таъминотии ҷаҳонӣ[4], низоъи ҷангӣ дар Украина ва оқибатҳои он ба идомаёбии силсилаи бемайлони таваррумӣ ва афзудани хавфҳои бозорию қурбӣ дар саросари кишварҳои ҷаҳон оварда расонид.

[4] *Ба истилоҳи байналмилалӣ: "Global Supply Chains"*

**Тағйирёбии намояи нархҳои ҷаҳонии ашёи хом**
**(манбаъ: Бонки ҷаҳонӣ /Commodity Markets Data)**




Тибқи маълумоти ХБА дар соли 2022 тағйирёбии намояи нархҳои истеъмолӣ ё худ таваррум дар ҷаҳон 8,8 фоизро ташкил дод (дар соли 2021-ум 4,7 фоиз буд). Аз он ҷумла, сатҳи таваррум миёни гуруҳи кишварҳои мутараққӣ 7,2 фоиз (3,1% дар соли 2021), кишварҳои рӯ ба инкишоф 9,9 фоиз (5,9% дар соли 2021) ва кишварҳои даромаднокиашон паст 14,2 фоиз (13,0% дар соли 2021)-ро ташкил дод.

Бо дарназардошти ҳассосияти бозори дохилӣ аз нархи маҳсулоти воридотӣ омилҳои таваррумии мазкур бо назардошти коҳишёбии қурби сомонӣ нисбат ба доллари ИМА ва рубли русӣ боиси дар ниммаи аввали сол дар сатҳи нисбатан баландтар боқӣ мондани таварруми солона (8,4 фоиз) ва зиёд шудани хароҷотҳои истеҳсолию истеъмолӣ гардид. Бояд қайд кард, ки ҳолати мазкур ба қобилияти харидорӣ ва сатҳу сифати будубоши аҳолӣ сарбории зиёд ба миён овард, махсусан ба он қишрҳои аҳолие, ки камтарин қобилияти ҷуброн намудани харҷотҳои афзударо ба молҳои ниёзи аввала доранд.

Вале, дар нимсолаи дуюми сол раванди назарраси устуворёбии қурби пули миллӣ ва поёнравии нархҳои воридотии маводи сӯзишворӣ (бензин ва гази моеъ) ва хӯрокворӣ (бахусус, орд, равғани растанӣ ва шакар), яъне он маҳсулоту хизматрасониҳои аввалиндараҷае, ки ба онҳо ҳиссаи асосии хароҷотҳои қисми зиёди аҳолӣ рост меояд, ба поёнравии

сатҳи таваррум мусоидат намуд, ки дар натиҷа дар интиҳои соли 2022 сатҳи таварруми солона 4,2 фоизро ташкил дод.

**Тағйирёбии сатҳи таваррум ва саҳми сохтории он, бо фоиз**
**(манбаъ: Агентии омор)**




Дар таварруми бавуқуъомада афзоиши нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 5,2 фоиз, молҳои ғайрихӯрока 4,0 фоиз ва хизматрасонӣ 1,9 фоизро ташкил дод. Тавре мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, дар соли сипаришуда таваррум раванди се сол пайдарҳами сатҳи нисбатан баланди худро (2019-2021) паси сар карда, дар яке аз нишондиҳандаҳои пасттарини солҳои охир ҷамъбаст ёфт.

Вобаста ба афзоиши фишорҳои таваррумӣ, дар соли сипаришуда мисли дигар бонкҳои маркази кишварҳои ҷаҳон, Бонки миллии Тоҷикистон низ бо мақсади коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ сиёсати қатъии пулию қарзиро идома дода, меъёри бозтамвилро дар сатҳи 13,0-13,5 фоиз нигоҳ дошт, ки дар навбати худ барои боздоштани афзоиши аз ҳад зиёди ҳаҷми пул дар муомилот мусоидат намуд.

Дар соли 2022 раванди тағйирёбии қурби сомонӣ нисбат ба асъорҳои асосии савдои хориҷӣ асосан бо вазъ ва омилҳои таъсиррасони берунӣ вобастагӣ дошт. Аз ҷумла, бо назардошти вобастагии қурби сомонӣ аз вазъи иқтисодиёти Русия, дар семоҳаи якуми сол таъсироти “шокҳои экзогенӣ” тавассути коҳишёбии қурби рубли русӣ нисбат ба

асъорҳои хориҷӣ аз сабаби оғози муҳориба миёни Русия ва Украина, ба афзоиши фишорҳо ва коҳишёбии назарраси қурби номиналии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА (ба андозаи 14,7 фоиз) оварда расонид.

**Тағйирёбии қурби расмии сомонӣ нисбат ба асъори хориҷӣ***
**(охири давра, бо фоиз)**




** Дар диаграммаҳои боло нишондодҳои манфӣ устуворёбии қурби сомониро нишон медиҳанд ва баръакс.*

Вале бо вуҷуди ин, дар семоҳаи дуюми соли ҳисоботӣ тамоюли ғайриинтизоран мустаҳкамгардии қурби рубли русӣ нисбат ба асъорҳои хориҷӣ, аз он ҷумла сомонӣ (ба андозаи 17,8 фоиз) дар натиҷаи аксуламали фаврӣ ва натиҷаноки ҷониби Русия, дар иқтисодиёт дедолларизатсияи савдои минтақавӣ, коҳишёбии қурби доллари ИМА нисбат ба сомонӣ (ба андозаи 18,5 фоиз) ва барқарорёбии афзоиши воруди интиқолҳои фаромарзӣ мушоҳида гардид. Омилҳои мазкур минбаъд дар давоми сол ба барзиёдии пешниҳоди доллари ИМА нисбати талаботи он ва нигоҳдории устувории қурби сомонӣ ба таври мусбӣ мусоидат карданд, ки дар натиҷа дар интиҳои сол қурби расмии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА 9,7 фоиз ва нисбат ба рубли русӣ 4,1 фоиз қавӣ гардид.

## 1.2. Бахши низоми бонкӣ

Дар соли ҳисоботӣ бо назардошти натиҷаҳои вазъи устувори макроиқтисодӣ ва фаъолнокии иқтисодӣ, нишондаҳандаҳои асосии низоми бонкии кишвар рушди муътадил доштанд, ки ин аз раванди барқароршавии эътимоднокии низоми бонкӣ гувоҳӣ дод.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки дар натиҷаи бозхонди иҷозатномаи ду бонки собиқ низомсози мушкилотдор (ҶСК "Агроинвестбонк" ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк") тавозуни низоми бонкӣ аз суратҳисобҳои ғайрифаъол тоза карда шуда, бо назардошти иҷро гардидани уҳдадорӣ дар назди пасандоздорон аз рӯи пардохти ҷубронпулии суғурта, дар соли 2022 дар маҷмуъ устувории нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ, афзоиши ҳаҷми қарздиҳӣ ва вусъат ёфтани ҷалби амонату пасандозҳои шаҳрвандон, инчунин афзоиши даромаднокии ташкилотҳои қарзии молиявӣ мушоҳида гардид.

Ҳаҷми дороиҳои умумии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар интиҳои соли ҳисоботӣ 30,0 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ 34,0 фоиз афзоиш ёфт. Уҳдадориҳо ва сармояи тавозунии онҳо бошад мувофиқан 23,7 млрд. сомонӣ ва 6,3 млрд. сомониро ташил дода, нисбат ба соли гузашта уҳдадориҳо 36,9 фоиз ва сармоя 24,1 фоиз зиёд шуданд.

**Нишондиҳандаҳои тавозунии ТҚМ (млрд. сомонӣ) ва афзоиш онҳо (бо %) (манбаъ: БМТ)**






Дар соли сипаришуда вазъи сармоякунонӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои қарзии молиявӣ муътадил буда, меъёрҳои кифоятии сармоя ва пардохтпазирӣ аз талаботи ҳадди ақал барзиёд ҷамъбаст ёфтанд. Аз ҷумла, ба ҳолати интиҳои соли 2022 меъёри кифоятии сармояи ташкилотҳои қарзии молиявӣ 25,3 фоизро ташкил дод (талаботи меъёрӣ дар сатҳи 12 фоиз муқаррар шудааст). Дороиҳои пардохтпазир бошанд 43,4 фоизи дороиҳои умумии низоми бонкиро ташкил дод, ки ин 94,9 фоизи уҳдадориҳои кӯтоҳмуддатро руйпӯш менамояд (талаботи меъёрӣ дар сатҳи 30 фоиз муқаррар шудааст). Нишондиҳандаҳои мазкур бевосита аз устуворёбии вазъи молиявии низоми бонкӣ гувоҳӣ медиҳанд.

**Нишондиҳандаҳои устувории молиявии ТҚМ, бо фоиз (манбаъ: БМТ)**







Яке аз нишондиҳандаҳои дигари устувории низоми бонкӣ - вазъи сандуқи қарзӣ ва сатҳи қарзҳои ғайрифаъол мебошад. Дар соли 2022 коҳишёбии ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъоли ташкилотҳои қарзӣ идома ёфта, дар маҷмуъ дороии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз лиҳози сифатнокӣ дар сатҳи нисбатан баланд қарор дошт. Дар сандуқи қарзӣ ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъол (қарзҳои зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) 1,6 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта бетағйир монд. Дар баробари ин, ҳиссаи онҳо дар сандуқи қарзӣ кам гардида 12,0 фоизро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар соли қаблӣ 13,4 фоиз буд.

Сатҳи долларикунонии сандуқи қарзӣ бошад, ки ҳассосияти тавозуни ташкилотҳои қарзиро ба хавфҳои асъорӣ нишон медиҳад, аз 33,3 фоиз дар интиҳои соли 2021 ба 28,4 фоиз дар интиҳои соли 2022 коҳиш ёфт.

Дар ҷамъбасти соли ҳисоботӣ ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар самти идоракунии хавфҳои қарзӣ тибқи талаботҳои пруденсиалӣ саъю кӯшиш намуданд. Аз ҷумла, фонди пӯшонидани талафоти имконпазир, ки аз рӯи қарзҳои ғайрифаъол ташкил дода шудааст, ба андозаи 12,0 банди фоизӣ афзуда, 104,5 фоизи ҳаҷми умумии қарзҳои ғайрифаъолро ташкил дод.

**Суръати афзоиши солонаи бақияи қарзҳои ғайрифаъоли ТҚМ, бо фоиз (манбаъ: БМТ)**




**Ҳиссаи қарзҳои ғайрифаол дар сандуқи қарзии ТҚМ, бо фоиз (манбаъ: БМТ)**




Дар навбати худ, фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ (ТҚМ) нисбат ба соли қаблӣ беҳтар гардида, дар маҷмуъ ТҚМ барои зиёд намудани фоидаи худ аз ҳисоби пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ, даромадҳои фоизӣ ва ғайрифоизӣ муваффақ шуданд, ки дар натиҷа ин дар афзоиши назаррасi фоидаи ТҚМ аз 108,3 млн. сомонӣ дар соли 2021 то 1,2 млрд. сомонӣ дар соли 2022 инъикос гардид. Вобаста ба ин, нишондиҳандаҳои даромаднокии софи дороиҳои ТҚМ (RoA) 3,9 фоиз ва даромаднокии сармояи ТҚМ (RoE) 18,7 фоизро ташкил дод, ки ин нисбат ба соли қаблӣ мувофиқан 7,8 ва 8,9 маротиба зиёд мебошад.

**Даромаднокии дороиҳои ТҚМ, бо фоиз**
**(манбаъ: БМТ)**




**Даромаднокии сармояи ТҚМ, бо фоиз**
**(манбаъ: БМТ)**




Дар соли ҳисоботӣ то андозае болоравии нисбӣ дар сатҳи миёнаравии молиявӣ ё худ фарогирии молиявӣ, ки саҳми низоми бонкиро дар рушди воқеии иқтисодиёт нишон медиҳад, мушоҳида гардида, нишондиҳандаҳои миёнаравии молиявӣ, ба монанди дороиҳо ва уҳдадориҳо нисбат ба ММД нисбатан афзоиш ёфтанд.

Бо вуҷуди ин, сатҳи мазкури миёнаравии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нокифоя буда, раванди афзоиши ҷалби пасандозҳои аҳолӣ ва пешниҳоди қарзҳоро аз тарафи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба иқтисодиёт мебояд зиёд гардонид.

**Сатҳи миёнаравии молиявӣ, бо фоиз нисбат ба ММД (манбаъ: БМТ)**






## 1.3. Ҷалби пасандозҳо ва қарздиҳӣ ба иқтисодиёт

Дар соли 2022 тамоюли афзоиши назарраси ҷалби пасандозҳо аз тарафи ташкилотҳои қарзии молиявӣ мушоҳида гардид. Тибқи маълумоти омории БМТ ба ҳолати 31 декабри соли 2022 ҳаҷми умумии пасандозҳои низоми бонкӣ маблағи 15,5 млрд. сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба соли 2021-ум 52,6 фоиз зиёд мебошад.

Дар сохтори бақияи умумии пасандозҳо ҳаҷми пасандозҳо бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ мувофиқан 8,6 млрд. сомонӣ ва 6,9 млрд. сомониро ташкил дода, афзоиши онҳо мутаносибан бо пули миллӣ 53,2 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 52,0 фоизро ташкил дод. Новобаста аз афзудани ҳаҷми пасандозҳои асъорӣ, сатҳи долларизатсияи пасандозҳо ё худ ҳиссаи пасандозҳо бо асъори хориҷӣ дар ҳаҷми умумии пасандозҳо 44,3 фоизро ташкил дод, ки он нисбат ба соли қаблӣ қариб бетағйир монд.

**Тағйирёбии бақияи пасандозҳо, млрд. сомонӣ (манбаъ: БМТ)**




**Суръати афзоиши солонаи пасандозҳо, бо фоиз (манбаъ: БМТ)**




Дар соли 2022 афзоиши ҳаҷми пасандозҳо дар ҳамаи категория ва намудҳои он назаррас буд. Аз ҷумла, амонатҳои дархостшаванда, ки асосан аз маблағҳои бахши корпоративӣ иборатанд (зиёда аз 97 фоизи он), 5,8 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта 55,0 фоиз афзуданд. Дар баробари ин, афзоиши солонаи амонатҳои пасандозӣ ва мухлатнок, ки асосан аз маблағҳои шахсони воқеӣ (зиёда аз 96 фоиз) иборат мебошад, мувофиқан 95,8 фоиз ва 23,8 фоизро ташкил дода, ҳаҷми онҳо дар умум ба 8,3 млрд. сомонӣ расид. Бояд қайд намуд, ки

дар сохтори пасандозҳо афзоиши назарраси амонатҳои пасандозӣ бо асъори хориҷӣ (2,7 маротиба) ва бо пули миллӣ (64,1 фоиз) мушоҳида гардида, дар сохтори пасандозҳои мӯҳлатнок афзоиши пасандозҳои кӯтоҳмуҳлат 35,5 фоиз ва дарозмуҳлат 19,4 фоиз ба қайд гирифта шуд. Ҳамзамон, амонатҳои дигари бахши давлатӣ ба андозаи 52,4 фоиз зиёд шуда, маблағи 1,4 млрд. сомониро ташкил доданд.

**Сохтори пасандозҳо аз рӯи намуд, млрд. сомонӣ (манбаъ: БМТ)**




**Суръати афзоиши солонаи пасандозҳо аз рӯи намуд, бо фоиз (манбаъ: БМТ)**




Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки афзоиши ҷалби пасандозҳои аҳолӣ аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ бо рушди фаъолнокии иқтисодиёт, устувории қурби пули миллӣ, баркарорёбии фаъолияти устувори низоми бонкӣ ва эътимоди аҳолӣ ба он бо назардошти мунтазам бозгаштани маблағҳои нақдии аҳолӣ ба низоми бонкӣ, татбиқи Қонуни ҶТ "Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон", инчунин аз тарафи шаҳрвандони хориҷӣ кушодани суратҳисобҳои амонатӣ ва зиёдшавии талабот ба кортҳои пардохтӣ алоқамандӣ дошт.

Агар ба сохтори пасандозҳо аз рӯи моликият назар афканем, мебинем, ки ҳаҷми пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ раванди афзоиши устувор дошт. Бақияи умумии пасандозҳои шахсони воқеӣ 8,1 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта 50,6 фоиз зиёд гардид. Ҳаҷми пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ бошад, аз ҳисоби афзоиши амонатҳои дархостшаванда ва бахши давлатӣ ба андозаи 55,0 фоиз зиёд шуд (ниг. ба диаграммаҳои зер).

### Сохтори пасандозҳои аз рӯи моликият, млрд. сомонӣ (манбаъ: БМТ)




### Суръати афзоиши солонаи пасандозҳо аз рӯи моликият, бо фоиз (манбаъ: БМТ)




### Ҳиссаи пасандозҳои шахсони воқеӣ аз рӯи асъор, бо фоиз (манбаъ: БМТ)




### Ҳиссаи пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ аз рӯи асъор, бо фоиз (манбаъ: БМТ)




### Сохтори пасандозҳои муҳлатнок аз рӯи муҳлат, млрд. сомонӣ (манбаъ: БМТ)




### Сохтори амонатҳои пасандозӣ аз рӯи асъор, млрд. сомонӣ (манбаъ: БМТ)



Дар соли баррасишаванда меъёри фоизи миёнавазн аз рӯи пасандозҳои (мӯҳлатноки) ҷалбнамудаи ташкилотҳои қарзӣ бо пули миллӣ нисбатан афзоиш ёфта 10,4 фоизро ташкил дод (10,1 фоиз дар с.2021). Идомаи татбиқи сиёсати қатъии монетарӣ ва афзоиши талаботи ташкилотҳои қарзӣ ба маблағҳои озод бинобар рушди фаъолияти қарздиҳии онҳо, аз омилҳои ба тағйирёбии нисбии меъёри фоизи пасандозҳо таъсиррасон ҳисобида шуданд.

Меъёри фоизи пасандозҳо бо асъори хориҷӣ бошад ба ҳисоби миёна 3,7 фоизро ташкил дод, ки ин нисбат ба соли қаблӣ ба андозаи 0,3 банди фоизӣ камтар мебошад.

**Меъёри фоизи миёнавазни пасандозҳои мӯҳлатнок, моҳона** (манбаъ: БМТ)




Дар соли 2022 вобаста ба рушди ҷалби пасандозҳои аҳолӣ фаъолияти қарздиҳии ташкилотҳои қарзӣ дар доираи нишондиҳандаҳои муътадил идома ёфт. Ба ҳолати 31 декабри соли 2022 бақияи сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ 13,6 млрд. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта ба андозаи 13,1 фоиз асосан аз ҳисоби қарзҳои истеъмолии бо пули миллӣ додашуда афзуд.

Дар сохтори сандуқи қарзӣ бақияи қарзҳои бо пули миллӣ додашуда 9,7 млрд. сомонро ташкил дода, афзоиши солонаи он 21,5 фоизро ташкил дод. Бақияи қарзҳои бо асъори хориҷӣ бошад 3,9 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба интиҳои соли гузашта 3,5 фоиз коҳиш ёфтааст.

**Тағйирёбии бақияи қарзҳо, млрд. сомонӣ (манбаъ: БМТ)**




**Суръати афзоиши солонаи қарзҳо, бо фоиз (манбаъ: БМТ)**




Сатҳи долларизатсияи қарзҳо ё худ ҳиссаи қарзҳо бо асъори хориҷӣ дар ҳаҷми умумии қарзҳо 28,4 фоизро ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ 4,9 банди фоизӣ коҳиш ёфт. Зикр намудан бамаврид аст, ки раванди мазкур хеле мусбӣ арзёбӣ гардида, коҳишёбии бақияи қарзҳои асъорӣ асосан бо сиёсати дедолларикунонии низоми бонкӣ ва пешгирии хавфҳо, устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, пеш аз ҳама қурби пули миллӣ, инчунин барҳамдиҳии бонкҳои мушкилотдор, ки қисми зиёди дороиҳои онҳо бо асъори хориҷӣ буд, алоқамандӣ дошт.

## 2. НИЗОМИ СУҒУРТАИ ПАСАНДОЗҲОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ВА ТАЪМИНИ ФАЪОЛИЯТИ МУНАЗЗАМИ ОН

Хазина ҳамчун ниҳоди танзимкунандаи низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва пешбарандаи феҳристи ташкилотҳои қарзӣ – узви низоми мазкур, фаъолияти худро дар соли 2022 дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”, Стратегияи рушди Хазина барои солҳои 2017-2022 ва қарору супоришҳои Шӯрои нозирони Хазина бо мақсади таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар амалӣ намуд.

Дар соли 2022 тамоюли коҳишёбии шумораи ташкилотҳои қарзӣ - узви низоми суғуртаи пасандозҳо, ки дар давоми панҷ соли охир мушоҳида гардида буд, ба итмом расида, теъдоди ташкилотҳои қарзӣ

рӯ ба афзоиш ниҳод. Дар соли сипаришуда Хазина танҳо дар як ҳолати суғуртавии бавуқуъомада ва вобаста ба давом ёфтани раванди пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони бонкҳои қаблан барҳамдодашуда уҳдадории суғуртавии худро дар доираи талаботи қонунгузорӣ саривақт иҷро намуд.

Дар соли ҳисоботӣ тағйирёбии ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда раванди назарраси афзоиш дошт. Уҳдадориҳои суғуртавии Хазина низ вобаста ба зиёдшавии ҳаҷми пасандозҳои шахсони воқеӣ ва андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки аз рӯи он маблағи ҷубронпулии суғурта муайян карда мешавад, нисбат ба соли қаблӣ афзуданд. Ҳамзамон, ҳаҷми пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина афзоиши мусбатро нишон дод.

## 2.1. Иштироки ташкилотҳои қарзӣ дар низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ

Ба ҳолати 31 декабри соли 2022 дар Феҳристи ташкилотҳои қарзӣ – узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ 30 ташкилоти қарзӣ ба қайд гирифта шуд, ки аз онҳо 12 адад бонк ва 18 адад ташкилотҳои амонатии қарзии хурд мебошанд.

**Шумораи ташкилотҳои қарзии узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, дар интиҳои давра** (манбаъ: Хазина)



Қайд кардан лозим аст, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” ҳар як ташкилоти қарзие, ки иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистонро барои ҷалби пасандозҳои шахсони воқеӣ дорад, узви Хазина мебошад. Айни замон, бонкҳо ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ), ба истиснои як адад бонки исломӣ ва ду адад бонкҳое, ки муассисашон давлат аст, иштирокчиёни низоми суғуртаи ҳатмии пасандозҳои шахсони воқеӣ мебошанд.

Дар давоми соли ҳисоботӣ як бонк ва ду ташкилоти амонатии қарзии хурд ба низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ шомил гардида, ду ташкилоти амонатии қарзии хурд аз он хориҷ карда шуданд. Аз ҷумла, Хазина дар Феҳристи ташкилотҳои қарзӣ – узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ (минбаъд - Феҳрист) тағйиру иловаҳои зеринро ворид кард:

- дар асоси қарори Раёсати БМТ аз 18 марти соли 2022, №31 оиди додани иҷозатнома ба ҶДММ ТАҚХ “Фурӯз” барои анҷом додани амалиёти бонкӣ, ба ҶДММ ТАҚХ “Фурӯз” аз санаи 11 апрели соли 2022 Тасдиқномаи узвият дар Хазина таҳти №063 дода шуда, он ба Феҳрист дохил карда шуд;

- дар асоси қарори Раёсати БМТ аз 09 июни соли 2022, №68 оиди додани иҷозатнома ба ҶСП “Душанбе Сити Бонк” барои анҷом додани амалиёти бонкӣ, ба ҶСП “Душанбе Сити Бонк” аз санаи 30 июни соли 2022 Тасдиқномаи узвият дар Хазина таҳти №064 дода шуда, он ба Феҳристи узвияти Хазина дохил карда шуд;

- дар асоси қарори Раёсати БМТ аз 21 июни соли 2022, №75 оиди додани иҷозатнома ба ҶСП ТАҚХ “Сандуқ” барои анҷом додани амалиёти бонкӣ, ба ҶСП ТАҚХ “Сандуқ” аз санаи 30 июни соли 2022 Тасдиқномаи узвият дар Хазина таҳти №065 дода шуда, он ба Феҳристи узвияти Хазина дохил карда шуд;

- вобаста ба ин тасдиқномаҳои ҶДММ ТАҚХ “Душанбе Сити” бинобар табдилёбӣ ба бонки ҶСП “Душанбе Сити Бонк” ва ҶДММ ТАҚХ “Рушди Ориён” бинобар табдилёбӣ ба ҶСП ТАҚХ “Сандуқ” ва иваз шудани номи он аз эътибор соқит дониста шуд.

## 2.2. Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина ва пардохти ҷубронпулии суғурта

Ҳангоми барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ Хазина ба пасандоздорони ташкилоти қарзии муфлисшуда мутобиқи Қонун пардохти ҷубронпулии суғуртаро амалӣ менамояд. Бо ин роҳ Хазина мақсадҳои сиёсати давлатӣ дар самти таъмини суботи молиявӣ ва кам намудани шиддати иҷтимоиро байни пасандоздорони бонкҳои муфлисшуда татбиқ менамояд.

Дар соли 2022 танҳо як ҳолати суғуртавӣ дар ташкилоти қарзии муфлисшудаи ҶСП ТАҚХ "Бунёд-М", ки сабаби ба вуҷуд омадани ухдадории суғуртавии Хазина дар назди пасандоздорони ин ташкилот гардид, ба вуқуъ омад. Бояд қайд намуд, ки иҷозатномаи ташкилоти қарзии мазкур бо Қарори Раёсати БМТ аз 18.09.2017 сол, №117 бозхонд гардида, дар он расмиёти барҳамдиҳии ихтиёрӣ оғоз карда шуда буд. Бинобар аз ҷониби Комиссияи барҳамдиҳии ихтиёрии ташкилот дар сатҳи зарурӣ ва саривақт иҷро нагардидани раванди барҳамдиҳӣ, ҶСП ТАҚХ "Бунёд-М" ба таври маҷбурӣ барҳам дода шуд. Аз ҷумла, тибқи Қарори Раёсати БМТ аз 31 марти соли 2022 ва Ҳалномаи Суди иқтисодии вилояти Суғд аз 31 майи соли 2022 нисбати ҶСП ТАҚХ "Бунёд-М" расмиёти барҳамдиҳии маҷбурӣ бе асосҳои муфлисшавӣ оғоз карда шуд.

Вобаста ба ин, Хазина бо мақсади омодабошӣ ва сари вақт пардохтани ҷубронпулӣ ба пасандоздорон, тибқи "Нақшаи чорабиниҳо оид ба тартиби амалҳои Хазина ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ" тадбирҳои дахлдор андешида, дар асоси Феҳристи пасандоздорони пешниҳоднамудаи мудири махсуси ташкилоти барҳамдодашудаи ҶСП ТАҚХ "Бунёд-М" ҷубронпулии суғуртаро ба се нафар пасандоздорони он ба маблағи умумии 67,2 ҳаз. сомонӣ тавассути бонк-агент ҶСП ТАҚХ "Ҳумо" пурра пардохт намуд. Ҳамин тариқ, раванди пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорони ҶСП ТАҚХ "Бунёд-М" ба анҷом расонида шуд.

Дар соли ҳисоботӣ пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони бонкҳои барҳамдодашудаи ҶСК “Агроинвестбонк”, ҶСК “Тоҷиксодиротбонк” ва ҶСП “Кафолатбонк”, ки фаъолияти онҳо соли 2021 дар асоси ҳалномаҳои судӣ тариқи барҳамдиҳии маҷбурӣ қатъ гардида буд, идома дода шуд.

Мутобиқи Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” ба пасандоздорон барои гирифтани ҷубронпулии суғурта муҳлати як сол пешбинӣ гардидааст. Муҳлати бо Қонун муқаррар кардашудаи пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорони ҶСК “Тоҷиксодиротбонк” санаи 23.06.2022с., ба пасандоздорони ҶСК “Агроинвестбонк” санаи 01.07.2022с. ва ба пасандоздорони ҶСП “Кафолатбонк” санаи 19.11.2022с. ба охир расид.

Аз ин рӯ, аз ҷониби Хазина дар асоси Феҳристи пешниҳоднамудаи Мудирони махсуси бонкҳои мазкур тавассути бонк-агентҳо дар давоми муҳлати муқарраркардаи Қонун ҷубронпулӣ ба таври зерин пардохт карда шуд:

- дар ҶСК “Тоҷиксодиротбонк” ба 3571 нафар пасандоздорони муроҷиаткарда ба маблағи 54,8 млн. сомонӣ ҷубронпулии суғурта пардохт карда шуд, ки ин мувофиқан 89,8 фоизи маблағи умумии ҷубронпулии ҳисобшударо ташкил намуд;

- дар ҶСК “Агроинвестбонк” ба 9438 нафар пасандоздорони муроҷиаткарда (17-тои он дар асоси таъиноти судӣ) ба маблағи 132,4 млн. сомонӣ ҷубронпулии суғурта пардохт карда шуд, ки ин мувофиқан 90,1 фоизи маблағи умумии ҷубронпулии ҳисобшударо ташкил медиҳад;

- дар ҶСП “Кафолатбонк” ба 30 нафар пасандоздорони муроҷиаткарда ба маблағи 152,2 ҳаз. сомонӣ ҷубронпулии суғурта пардохт карда шуд, ки ин мувофиқан 18,1 фоизи маблағи умумии ҷубронпулии ҳисобшударо ташкил намуд.

Онро бояд қайд кард, ки аз шумораи умумии (яъне 31 850 нафар) пасандоздорони ҶСК “Тоҷиксодиротбонк” ва ҶСК “Агроинвестбонк” зиёда аз 18 ҳаз. нафар (бо бақияи ҷубронпулӣ баробар ба 20,8 млн.

сомонӣ) дар мӯҳлатҳои пешбинишуда барои гирифтани маблағи ҷубронпулӣ муроҷиат накарданд. Аз шумораи мазкури пасандоздорони муроҷиатнакарда аксарияти он – 82 фоиз ба пасандоздороне рост меояд, ки маблағи пасандозҳояшон то 1,0 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Дар навбати худ, Хазина нисбати он пасандоздороне, ки тибқи Қонун бо сабабҳои фавқулода дар мӯҳлатҳои пешбинишуда барои гирифтани ҷубронпулӣ муроҷиат карда натавонистаанд, бо назардошти пешниҳоди аризаи пасандоздор, мӯҳлати муроҷиати пасандоздорро барои гирифтани ҷубронпулии суғурта тамдид намуд. Аз ҷумла, дар давраи баъд аз ба итмом расидани мӯҳлати яксолаи пардохти ҷубронпулӣ то интиҳои соли ҳисоботии 2022, аз ҷониби пасандоздорони бонкҳои барҳамдодашудаи ҶСК "Агроинвестбонк" ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" дар асоси муқаррароти моддаи 26-и Қонуни ҶТ "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" оид ба тамдиди мӯҳлати пешниҳоди дархост барои гирифтани маблағи ҷубронпулии суғурта аз рӯи пасандозҳояшон бо ариза ба Хазина муроҷиат карда шуд.

Бо назардошти ин, Хазина аризаҳои 29 нафар пасандоздорони муроҷиаткардаро қонеъ карда (7-тои он дар асоси таъиноти судӣ), ба онҳо ба маблағи умумии 453,2 ҳаз. сомонӣ ҷубронпулии суғуртаро пардохт кард, аз ҷумла ба пасандоздорони ҶСК "Агроинвестбонк" 326,4 ҳаз. сомонӣ ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" 126,7 ҳаз. сомонӣ.

Дар соли 2022 аз ҷониби Хазина ба 1159 нафар пасандоздорони ташкилотҳои қарзии муфлисшуда (ҶСК "Тоҷиксодиротбонк", ҶСК "Агроинвестбонк", ҶСП "Кафолатбонк" ва ҶСП ТАҚХ "Бунёд-М"), ки барои гирифтани ҷубронпулӣ муроҷиат карданд, ба маблағи 10,1 млн. сомонӣ ҷубронпулии суғурта пардохт гардид.

Дар маҷмуъ, дар давраи солҳои 2016-2022 дар 18 ташкилоти қарзии узви Хазина, ки бинобар асосҳои маҷбурӣ барҳам дода шуда буданд, ба 15 317 нафар пасандоздорони суғурташуда ба маблағи умумии 211,1 млн. сомонӣ ҷубронпулии суғурта пардохт карда шуд.

**Пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон дар солҳои 2016-2022, бо млн. сомонӣ (манбаъ: Хазина)**




## Раванди ҷонеъгардии талаби Хазина аз рӯи маблағҳои пардохташудаи ҷубронпулии суғурта

Мутобиқи моддаи 31 Қонуни ҶТ "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" ҳуқуқи талаби манфиатҳои пасандоздор баробар ба андозаи маблағи пардохташудаи ҷубронпулӣ ҳамчун суброгатсия ба Хазина вогузор карда шуда, талаботи мазкури Хазина бояд тибқи тартиби муқаррарнамудаи сархати 4 қисми 1 моддаи 35 Қонуни ҶТ "Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ" аз ҷониби мудири махсус ё барҳамдиҳанда қонеъ карда шавад. Талаботи мазкур тибқи принсипҳои асосии суғуртакунии пасандозҳо, ки аз ҷониби Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунадагони пасандозҳо қабул шудааст ворид гардида, аз тарафи ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ҳамчун меъёри маъмулӣ эътироф шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки раванди қонеъ гардонидани талаби Хазина ҳамчун қарздеҳ ҳанӯз ғайриқаноатбахш боқӣ мемонад. Ба интиҳои соли 2022 аз шумораи 18 ташкилоти қарзии барҳамдодашуда 6-тои он (ҶДММ ТАҚХ "Баракат", ҶСП ТАҚХ "Дафтари молиявӣ", ҶДММ ТАҚХ "Молия ва сармоя", ҶДММ ТАҚХ "Тиҷорат", ҶСП "Бонки Осиё" ва ҶСП "Кафолатбонк") талаби Хазинаро пурра иҷро намуда, аз ҷониби як ташкилот (ҶСК "Фононбонк") талаботи Хазина қисман ба

андозаи баробар ба 8,9 фоизи ҷубронпулии ба пасандоздорони ин ташкилот пардохтшуда қонеъ карда шудааст. Дар умум, маблағи аз ҷониби ташкилотҳои қарзии барҳамхӯрда ба Хазина қонеъкардашуда ҳамагӣ 0,5 фоизи маблағи умумии ҷубронпулии аз ҷониби Хазина то санаи 31.12.2022 сол пардохтшударо (211,1 млн. сомонӣ) ташкил медиҳад.

### Мушкилоти эътироф нагардидани талаби Хазина

Қайд намудан зарур аст, ки дар соли сипаришуда Хазина бори аввал дар таҷрибаи кории худ бо ҳолати ногувори аз тарафи мудири махсуси бонки муфлисшудаи ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" бар хилофи муқаррароти қонунгузорӣ бо далелҳои қонунан беасос умуман эътироф нагардидани талаби суброгатсионии Хазина аз рӯи ҷубронпулии пардохтшуда рӯ ба рӯ шуд.

Хазина аз рӯи ҳолати мазкур санаи 10 феврали соли 2022 бо аризаи даъвогӣ ба Суди Олии иқтисодии ҶТ оиди дар Феҳристи талаботи қарздеҳони ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" дохил намудани талаботи қонунии Хазина ҳамчун қарздеҳ муроҷиат кард. Суди Олии иқтисодии ҶТ бо таъиноти худ аз 16.03.2022 сол аризаи даъвогии Хазинаро рад намуд, ки ин ҳуқуқҳои Хазинаро аз рӯи талаботи суброгатсионӣ поймол мекунад. Хазина таъиноти судиро беасос ва мухолифи меъёрҳои қонунгузорӣ ҳисобида, дар навбати худ бо шикояти кассатсионӣ ба марҳилаи кассатсионии Суди Олии иқтисодии ҶТ муроҷиат кард. Аммо бо вуҷуди аз ҷониби Хазина пешниҳод гардидани далелҳои қонунан асоснок, бо Қарори марҳилаи кассатсионии Суди Олии иқтисодӣ аз 26.04.2022 сол Таъиноти судӣ аз 16.03.2022 бетағйир ва шикояти кассатсионӣ бо асосҳои дар таъинот зикргардида беқаноат монда шуд. Аз ҷониби Хазина ба Раёсати Суди Олии иқтисодии ҶТ шикояти назоратӣ аз болои Қарори марҳилаи кассатсионии Суди Олии иқтисодии ҶТ аз 26.04.2022с. ва Таъиноти Суди Олии иқтисодии ҶТ аз 16.04.2022с. пешниҳод гардида, Хазина тамоми кӯшишҳои худро ҷиҳати ба диққати суд дуруст маънидод ва пешниҳод кардани маълумот нисбати талаботҳои дар меъёрҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" ва "Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ" ҷойдошта оиди эътироф гардидани

талаби Хазина аз рӯи суброгатсия ва ба Феҳристи болозикр дохил кардани он, равона намуд. Аммо, он низ бо Таъиноти Суди Олии иқтисодии ҶТ аз 16.08.2022 сол “Дар бораи рад намудани супоридани парванда барои моҳиятан баррасӣ намудани он дар суди марҳилаи назоратӣ” рад карда шуд.

Инчунин, Хазина ба унвони Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба санадҳои қабулшудаи Суди Олии иқтисодии ҶТ оид ба масъалаи ба Феҳристи талаботи қарздеҳони ҶСК “Тоҷиксодиротбонк” ҳамчун қарздеҳи қонунӣ дохил намудани Хазина муроҷиат кард. Мутаассифона, аз тарафи Прокуратураи генералии ҶТ таъинотҳои Суди Олии иқтисодии ҶТ асоснок таъниста шуд.

Бояд қайд кард, ки аз соли 2016 то инҷониб аз тарафи судҳои иқтисодӣ дар ҳамаи ҳолатҳои барҳамдиҳии маҷбурии ташкилотҳои қарзӣ талабот ва муқаррароти қонунгузорӣ оиди дар Феҳристи талаботи қарздеҳон ба қайд гирифтани талаботи Хазина риоя гардида, танҳо дар як ҳолати ҶСК “Тоҷиксодиротбонк” талаботи мазкур бар хилофи меъёрҳои равшану возеҳи қонунҳои болозикр эътироф нагардидааст, ки ин ҳолат метавонад эътимоди аҳолӣ ва ташкилотҳои молиявии байналмилалиро ба низоми миллии суғуртакунии пасандозҳо кам намояд.

Вобаста ба ин, яке аз самтҳое, ки пайваста ба таҷдиди назар ва ислоҳотҳои куллӣ тақозо дорад, ин таъмини риояи қонунгузорӣ, самаранокӣ ва шаффофияти раванди барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Бинобар ин, ҷиҳати риояи муносиби муқаррароти қонунгузорӣ, шаффоф гардидани фаъолияти мудирони махсус, дуруст тартиб дода шудани Феҳристи талаботи қарздеҳон ва пардохти маблағҳо ба қарздеҳон, аз болои раванди барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзии муфлисшуда мебояд назорати қатъиро ба роҳ монд. Бо истифода аз таҷрибаи ҷаҳонӣ такмили қонунгузорӣ ва дар низоми молиявӣ таъсис додани чунин як мақомоти алоҳидаи бевосита дорои салоҳияти барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ, яке аз роҳҳои шаффоф, дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди муфлисшавии ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Дар навбати худ, ин метавонад ба устувории молиявии Хазина ва зиёд шудани боварии аҳолӣ ба низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ таъсири мусбӣ расонад.

## 2.3. Суғурта гардидани пасандозҳои шахсони воқеӣ аз ҷониби Хазина

Ба ҳолати 31 декабри соли 2022 ҳаҷми умумии маблағи пасандозҳои шахсони воқеӣ, ки мавриди суғурта фаро гирифта мешаванд 4 569,9 млн. сомониро ташкил дода, шумораи пасандоздорони суғурташуда ба 1,2 млн. нафар расид[5]. Дар муқоиса ба интиҳои соли 2021 маблағи пасандозҳои суғурташуда 37,9 фоиз ва шумораи пасандоздорони суғурташуда бошад 47,8 фоиз зиёд гардид.

**Ҳаҷми пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ, млрд. сомонӣ (манбаъ: Хазина)**




**Шумораи пасандоздорони суғурташуда, ҳаз. нафар (манбаъ: Хазина)**




Афзоиши назарраси ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда ва шумораи пасандоздорон тавре дар боби 1 ҳисоботи мазкур таҳлил гардид, асосан бо омилҳои зерин алоқамандӣ дошт:

- ҳамчун омили макроиқтисодӣ рушди фаъолнокии иқтисодӣ, ҳаҷми воқеии ММД ва устувории қурби пули миллӣ;

- мунтазам барқарорёбии фаъолияти устувори низоми бонкӣ ва эътимоди аҳолӣ ба он, ҷалби пасандоздорон вобаста ба пешниҳоди хизматрасониҳои бонкии ҷолибнок;

- таъсири қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои

---

[5] *Бе назардошти суратҳисобҳои пасандозие, ки тибқи моддаи 24 Қонуни ҶТ "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" суғурта намешаванд.*

шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 02.07.2021, №1802 ва тамдиди муҳлати амали он (тағйиру иловаҳо аз 20.06.2022, №1888) ба ҷалби сармояи шаҳрвандон ба иқтисодиёт;

- аз тарафи шаҳрвандони хориҷӣ кушодани суратҳисобҳои амонатӣ ва афзоиши вуруди интиқолҳои фаромарзии шахсони воқеӣ тавассути кушодани суратҳисобҳои корти бонкӣ.

Дар соли ҳисоботӣ раванди намоёни афзоиши ҳиссаи пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ бо пули миллӣ идома ёфт. Аз ҷумла, дар сохтори пасандозҳои суғурташуда аз рӯи намуди асъор ҳаҷми пасандозҳо бо пули миллӣ нисбат ба соли қаблӣ 58,6 фоиз афзуда, ҳиссаи он 66,4 фоизи (57,7 фоиз дар соли 2021) маблағи умумии пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеиро ташкил дод. Пасандозҳои асъорӣ бошанд 9,5 фоиз зиёд шуда, ҳиссаи онҳо 33,6 фоизи (42,3 фоиз дар соли 2021) маблағи умумии пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеиро ташкил дод. Ҳамзамон, аз шумораи умумии пасандоздорон суратҳисобҳои пасандоздороне, ки пасандозҳояшон бо сомонӣ ва бо асъори хориҷӣ аст, мувофиқан 51,5 фоиз ва 5,1 фоизро ташкил дод.

**Сохтори асъории пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ, млрд. сомонӣ** (манбаъ: Хазина)




**Сохтори асъории шумораи пасандозҳои суғурташуда, ҳаз. нафар** (манбаъ: Хазина)




Нишондиҳандаҳои болозикр аз тадриҷан камшавии сатҳи долларизатсияи пасандозҳои суғурташуда шаҳодат дода, ҳамчун омили мусбӣ ба коҳиш ёфтани сатҳи хавфҳои низоми бонкӣ мусоидат менамояд. Ҳолати мазкур дар натиҷаи татбиқи сиёсати дедолларикунонии низоми бонкӣ, ба монанди истифодаи фишангҳои сиёсати монетарӣ ва чораҳои танзими бозори асъор (истифодаи

бештари пули миллӣ дар муомилот ва ҳангоми гирифтани интиқолҳои фаромарзӣ), пурзӯр намудани талабот нисбати ташкилотҳои қарзӣ оид ба пешгирӣ намудани афзоиши ҳаҷми пасандозҳо ва қарзҳо бо асъори хориҷӣ (истифодаи фишанги меъёри захираҳои ҳатмӣ, муқаррар намудани андозаи зиёдтари пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ бо асъори хориҷӣ ба Хазина), паст намудани фоизнокии пасандозҳо бо асъори хориҷӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ.

Бояд қайд намуд, ки аз ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташудаи ташкилотҳои қарзӣ ҳиссаи бештар 79,8 фоиз ба бонкҳо рост меояд (дар соли 2021 – 76,0 фоиз). Аз рӯи шумора низ ҳиссаи зиёдтари пасандоздорон 86,2 фоиз ба бонкҳо рост меояд. Ғайр аз ин, ҳаҷми асосии пасандозҳои суғурташуда аз рӯи ташкилотҳои қарзӣ асосан миёни якчанд ташкилот таҷаммуъ шудааст, аз ҷумла 77,5 фоизи пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ ба шаш ташкилоти қарзӣ рост меояд.

**Таҷаммуи пасандозҳои суғурташуда, бо фоиз** (манбаъ: Хазина)



## Уҳдадориҳои суғуртавии Хазина

Мутобиқи Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳо бо пули миллӣ на бештар аз 500 нишондиҳанда ва аз рӯи пасандозҳо бо асъори хориҷӣ на бештар аз 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо муайян гардидааст. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатӣ барои соли 2022” аз санаи 01.01.2022 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба андозаи 64,0 сомонӣ муқаррар карда шуд, ки дар натиҷа андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳо бо пули миллӣ то 32 000 сомонӣ ва аз рӯи пасандозҳо бо асъори хориҷӣ то 22 400 сомонӣ зиёд шуд[6].

Бо назардошти он, ки андозаи ҷубронпулии суғурта бо нишондиҳандаи мазкур алоқаманд аст, ҳангоми зиёд намудани ҳаҷми нишондиҳанда барои ҳисобҳо он бевосита боиси афзоиши андозаи ҷубронпулӣ мегардад. Аз соли 2015 инҷониб андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо 1,6 маротиба зиёд шуда, он дар навбати худ боиси афзоиши ҳаҷми уҳдадориҳои потенсиалии Хазина аз рӯи пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ гардид.

**Афзоиши андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, бо сомонӣ (манбаъ: Вазорати молия)**




**Афзоиши андозаи ҷубронпулии суғурта, бо ҳаз. сомонӣ (манбаъ: Хазина)**




[6] *Тибқи Қонуни ҶТ “Дар бораи буҷети давлатӣ барои соли 2023” аз санаи 01.01.2023 андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо 68,0 сомонӣ муқаррар карда шуд.*

Аз ин рӯ, ба ҳолати 1 январи соли 2023 маблағи уҳдадориҳои суғуртавии Хазина (уҳдадориҳои потенсиалӣ) аз рӯи пардохти ҷубронпулӣ дар назди пасандоздорони суғурташуда 2 053,7 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба соли қаблӣ 1,5 баробар зиёд мебошад. Сабаби асосии афзоиши уҳдадории Хазина асосан бо зиёд шудани ҳаҷми пасандозҳои шахсонии воқеӣ ва андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо алоқаманд мебошад.

Аз ҳаҷми умумии уҳдадориҳои Хазина 88,9 фоизи он ба уҳдадорӣ аз рӯи пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ ва 11,1 фоиз аз рӯи пасандозҳои асъори хориҷии шахсони воқеӣ рост меояд. Дар баробари ин, уҳдадории Хазина аз рӯи пардохти ҷубронпулии суғурта дар назди бонкҳо 80,1 фоиз ва дар назди ташкилотҳои амонатии қарзии хурд 19,9 фоизро ташкил медиҳад.

**Сохтори уҳдадориҳои суғуртавии Хазина аз рӯи ташкилот, млрд. сомонӣ** (манбаъ: Хазина)




**Сохтори уҳдадориҳои суғуртавии Хазина аз рӯи асъор** (манбаъ: Хазина)




Аз шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда ҳиссаи пасандоздорони дар доираи маблағи ҷубронпулӣ пурра суғурташуда 98,1 фоиз ва ҳиссаи боқимондаи пасандоздорон, ки маблағи пасандозҳояшон аз андозаи ҷубронпулӣ зиёд буда қисман ҷуброн карда мешаванд, 1,9 фоизи шумораи умумии пасандоздоронро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи мазкур аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки шумораи аксари пасандоздорони суғурташуда аз ҷониби Хазина пурра ҳимоя карда мешавад.

**Шумора ва ҳиссаи пасандоздорони дар доираи андозаи ҷубронпулӣ суғурташуда, ҳаз. нафар ва бо фоиз** (манбаъ: Хазина)




Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳиссаи уҳдадориҳои суғуртавии Хазина нисбат ба ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ мунтазам афзоиш ёфта, дар соли ҳисоботӣ ба 44,9 фоиз расид (дар соли қаблӣ 40,7 фоиз буд). Инчунин, агар ба таносуби пардохтпазирии Хазина (доройӣ нисбат ба уҳдадорӣ) таваҷҷуҳ намоем, маълум мегардад, ки байни афзоиши дороиҳо ва уҳдадориҳои суғуртавии Хазина номутаносибӣ ҷой дорад.

**Таносуби уҳдадории Хазина нисбат ба кулли пасандозҳои суғурташуда, бо %** (манбаъ: Хазина)




**Таносуби дороиҳои Хазина нисбат ба уҳдадориҳои суғуртавӣ, бо %** (манбаъ: Хазина)




Ҳолати мазкур аз як тараф афзоиши уҳдадориҳои суғуртавӣ ва аз тарафи дигар коҳишёбии дороиҳои Хазина, ки асосан бо зиёд гардидани

ҳаҷми пасандозҳои шахсони воқеӣ дар низоми бонкӣ, андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони бонкҳои барҳамдодашуда вобаста мебошад. Аз ин лиҳоз, минбаъд аз ҷониби Хазина андешидани чораҳои мушаххас дар самти ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ ҷиҳати бевосита бо сомонӣ муқаррар кардани андозаи ҷубронпулӣ ва зиёд намудани дороиҳои Хазина барои тадриҷан бартараф намудани номувофиқатии ҷойдошта мусоидат мекунад.

## 2.4. Арзёбии пардохтҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина

Мутобиқи Қонуни ҶТ "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина бояд ҳар семоҳа ба андозаи 0,1 фоиз барои пасандозҳои шахсони воқеӣ бо пули миллӣ ва 0,3 фоиз барои пасандозҳои шахсони воқеӣ бо асъори хориҷӣ пардохтҳои тақвимии бебозгаштро ба Хазина пардохт намоянд.

Бо дарназардошти ин, дар соли 2022 ҳаҷми пардохтҳои тақвимии аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина пардохташуда тибқи маълумотҳои даврии соли ҳисоботӣ 26,7 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба соли 2021-ум 27,7 фоиз афзудааст.

**Тамоюли пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзии узви Хазина, бо млн. сомонӣ**



Афзоиши мазкури пардохтҳои тақвимӣ асосан бо зиёд шудани ҳаҷми пасандозҳои суғурташавандаи ташкилотҳои қарзии узви Хазина вобаста аст. Бояд қайд кард, ки дар диаграммаи болозикр фарқияти байни пардохтҳои тақвимии ҳисобшуда ва пардохташудаи ташкилотҳои қарзӣ асосан бо ҳолати бади бонкҳои мушкилотдори барҳамдодашуда, ки талаботи Қонунро аз рӯи пардохтҳои тақвимӣ саривақт иҷро карда натавониста буданд, алоқамандӣ дошт.

## 2.5. Санҷиши ташкилотҳои қарзии узви Хазина

Санҷиши ташкилотҳои қарзии узви Хазина яке аз самтҳои асосии фаъолияти Хазина ҷиҳати муайян намудани дараҷаи риоя гардидани талаботҳои Хазина аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ, ба ҳисоб меравад.

Бахри таъмини фаъолияти пурсамари низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва назорати иҷрои уҳдадории ташкилотҳои қарзӣ, кормандони Хазина дар соли сипаришуда дар асоси супоришномаҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар санҷишҳои нақшавӣ ва мавзӯии 6 ташкилотҳои қарзӣ, аз ҷумла 2 бонк ва 4 ташкилоти амонатии қарзии хурд иштирок намуданд (дар соли 2021 фаъолияти 27 ташкилоти қарзӣ мавриди санҷиш қарор дода шуда буд).

Сабаби мавриди санҷиш қарор гирифтани шумораи ками ташкилотҳои қарзӣ бо татбиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 марти соли 2022 “Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ” то санаи 1 январи соли 2023 ва вобаста ба он амалӣ гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ” аз 8 июни соли 2022, №1874, ки тибқи он дар давраи татбиқи мораторий санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ (аз он ҷумла, ташкилотҳои қарзӣ) манъ карда шуданд, вобастагӣ дошт.

Дар рафти санҷишҳои ташкилотҳои қарзӣ тибқи “Тартиби гузаронидани санҷиши фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ оид ба суғуртаи пасандозҳо” масъалаҳои зерин баррасӣ шуданд:

- саривақт ва пурра аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ гузаронидани пардохтҳо ба Хазина;

- пешбурди баҳисобгирии уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздорон ва омодагии ташкилоти қарзӣ ҷиҳати саривақт тибқи тартиби муқарраршуда омода намудани феҳристи уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздорони суғурташуда.

- пешбурди руйхати шахсони вобастаи ташкилоти қарзӣ;

- аз ҷониби ташкилоти қарзӣ пешниҳоди маълумот ба пасандоздорон дар бораи иштироки худ дар низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва санҷиши сатҳи дониши кормадони ташкилоти қарзӣ оид ба суғуртаи пасандозҳо.

Натиҷаҳои санҷиши ташкилотҳои қарзӣ дар соли 2022 нишон медиҳад, ки камбудиҳои асосӣ дар самтҳои зерин ҷой доранд:

- саривақт нагузаронидани маблағи пардохтҳои тақвимӣ ба Хазина;

- пурра ва дуруст баҳисобгирӣ ва омода нагардидани феҳристи пасандоздорони суғурташуда тибқи тартиби аз ҷониби Хазина муқарраршуда, таъмин нагардидани пуррагӣ ва дурустии вориди маълумот дар бораи пасандоздорон ба Феҳрист, аз он ҷумла оид ба мушаххасоти ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият ва рақами мушаххасоти анзосупоранда.

- дар шартномаҳои пасандозӣ ва кортӣ на ҳама вақт дарҷ шудани банди алоҳида оид ба суғурта шудани пасандозҳо, нокифоя будани дониши кормандон оиди низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ.

Хазина дар навбати худ аз рӯи натиҷаи санҷишҳои гузаронидашуда, алалхусус ба талабот нисбати таҳияи Феҳристи пасандоздорони суғурташуда тибқи тартиби аз ҷониби Хазина муқаррраршуда ба роҳбарияти ташкилотҳои қарзӣ барои ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта тавсияҳои мушаххас пешниҳод намуд.

## 3. ТАЪМИНИ ИҶРОИ ДИГАР ВАЗИФАҲОИ ХАЗИНА

### 3.1. Фаъолияти сармоягузорӣ ва идоракунии маблағҳои Хазина

Яке аз манбаҳои ташаккули дороиҳои Хазина даромад аз фаъолияти сармоягузорӣ ба ҳисоб рафта, дар соли ҳисоботӣ Хазина бо

мақсади гирифтани даромад маблағҳои озоди худро дар доираи имкониятҳои мавҷудаи бозори молиявӣ сармоягузорӣ кард.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” Хазина маблағҳои худро метавонад танҳо ба коғазҳои қиматноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон ва коғазҳои қиматноки давлатҳои хориҷӣ ё бонкҳои маркази (миллии) хориҷии бонуфуз сармоягузорӣ кунад.

Дар соли 2022 бо назардошти маҳдуд будани дигар манбаҳои эътимодноки молиявии сармоягузорӣ дар бозори коғазҳои қиматнок, Хазина маблағҳои худро танҳо ба Векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузорӣ кард. Аз ҷумла Хазина аз 13 музоядаи эълошудаи барориши Векселҳои давлатии хазинадорӣ дар 6 музоядаи баргузоршудаи он иштирок карда, дар ҳаҷми 280,0 млн. сомонӣ бо меъёри даромаднокии миёнавазни 0,99 фоизи солона ба векселҳои мазкур сармоягузорӣ намуд.

**Иштироки Хазина дар бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ, бо млн. сомонӣ ва бо фоиз** (манбаъ: Хазина)




Дар давоми соли ҳисоботӣ кам шудани ҳаҷми сармоягузорӣ ва даромади гирифташудаи Хазина нисбат ба соли қаблӣ асосан бо коҳиш

ёфтани маблағҳои Хазина дар натиҷаи пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони бонкҳои барҳамдодашуда (ҶСК "Агроинвестбонк ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк") вобастагӣ дошт.

Ҳамзамон, дар давоми соли баррасишаванда Векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молия бо меъёри то андозае паст ва бо арзёбии ҳақиқӣ манфӣ бароварда шуд, ҳол он ки дар ин давра даромаднокии фоизи миёнавазн аз рӯи коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон атрофи 10-13 фоизро ташкил дода буд. Аммо, бо назардошти сарчашмаи ягонаи сармоягузорӣ будани Векселҳои давлатии хазинадорӣ, Хазина дар музоядаҳои он бо меъёрӣ 0,99 фоиз иштирок намуд.

Бо назардошти омилҳои болозикр, яъне набудани манбаҳои алтернативӣ барои сармоягузорӣ бо фоизҳои баландтар, меъёрҳои фоизнокии паст доштани векселҳои давлатии хазинадорӣ ва коҳиш ёфтани маблағҳои озоди Хазина дар натиҷаи пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорони бонкҳои барҳамдодашуда, дар соли 2022 даромади фоизии Хазина аз ҳисоби фаъолияти сармоягузорӣ ҳамагӣ 616,7 ҳаз. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба соли қаблӣ 35,6 фоиз камтар мебошад.

**Даромади фоизии Хазина аз сармоягузорӣ ба коғазҳои қиматнок, бо ҳаз. сомонӣ** (манбаъ: Хазина)




Бояд қайд намуд, ки бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ сол аз сол аз лиҳози рушд ва фарогирии бозорӣ пайваста дар як сатҳи муайян

қарор дошта, аз ин рӯ амалӣ намудани тадбирҳо дар самти баланд бардоштани ҷолибияти фоизи даромаднокии Векселҳои давлатии хазинадорӣ (ВДХ) бо фоизҳои бозорӣ ва муҳлатнокии гуногун ба роҳ мондани барориши онҳо барои тадриҷан инкишофи бозори дохилии коғазҳои қиматноки давлатӣ бевосита мусоидат хоҳад кард.

## 3.2. Такмили қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Хазина

Дар соли ҳисоботӣ раванди такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии Хазина ва низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, ҷиҳати ҷавобгӯ намудани онҳо ба талаботҳои муосир идома ёфта, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии Хазина таҷдиди назар карда шуданд, аз он ҷумла:

- Бо назардошти тибқи Қонуни ҶТ "Дар бораи буҷети давлатӣ барои соли 2022" аз 1 январи соли 2022 зиёд шудани андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ба "Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи №2-Х "Маълумот оид ба сохтори пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ дар Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" тағйиру иловаҳои дахлдор ворид шуда, он бо Қарори Шӯрои нозирони Хазина аз 25 феврали соли 2022, №6 тасдиқ гардид;
- Бо мақсади бароҳмонии тартиби ташкил ва ба расмиятдарории сафарҳои хизматии кормандони Хазина дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он, Дастурамал "Дар бораи сафарҳои хизматии кормандони Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" таҳия ва бо Қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №7 аз 25 феврали соли 2022 тасдиқ гардид;
- Бо мақсади баланд бардоштани масъулияти касбӣ дар иҷрои босифати уҳдадориҳои вазифавӣ, дастгирии иҷтимоӣ ва ҳавасмандгардонии кормандони Хазина ҷиҳати расидан ба натиҷаҳои назарраси фаъолияти корӣ, Низомнома "Дар бораи музди меҳнат ва пардохтҳои ба он баробари кормандони Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" дар таҳрири нав таҳия ва бо Қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №8 аз 25 феврали соли 2022 тасдиқ гардид;
- Бо мақсади беҳтар намудани раванди пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорон тавассути интиқолҳои электронӣ ва пардохтҳои электронӣ дар доираи иҷрои талаботи матритсаи "Барномаи

беҳтарсозии бахши молиявӣ ва идоракунии молиявии Бонки Осиёгии Рушд (БОР)", ба "Қоидаҳои умумии пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ҳангоми барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ" (Қарори Шӯрои нозирони Хазина аз 26.09.2018, №12) ва ба "Тартиби баҳисобгирии пасандозҳои суғурташуда дар ташкилоти қарзӣ (Қарори Шӯрои нозирони Хазина аз 26.09.2018, №13) тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, онҳо мувофиқан бо қарорҳои Шӯрои нозирони Хазина таҳти №13 ва №14 аз 26 августи соли 2022 дар таҳрири нав тасдиқ карда шуданд.

Яке аз мушкилиҳое, ки дар раванди иҷрои вазифаҳои Хазина ҷиҳати пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони бонкҳои барҳамдодашуда ҷой дошт, ин бо номукаммалии муқаррароти алоҳидаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ", аз ҷумла қисми 14 моддаи 22 вобаста буд. Дар муқаррароти мазкури Қонун омада буд, ки "*Шахсе, ки ҳуқуқи пасандоздорро барои пасандозҳо баъди фаро расидани ҳолати суғуртавӣ соҳиб шудааст, ба гирифтани ҷубронпулӣ ҳуқуқ надорад*." Аз муҳтавои он бармеояд, ки ба ворис ё намояндаи пасандоздори фавтидаи ташкилоти қарзии барҳамдодашуда, ки ҳуқуқ ба меросро баъди фаро расидани ҳолати суғуртавӣ соҳиб шудааст (яъне, ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқ ба меросро баъди фаро расидани ҳолати суғуртавӣ ба расмият даровардааст), ҷубронпулӣ пардохт карда намешавад. Мушкилии мазкур бахусус дар ҳолати бонкҳои муфлисшудаи ҶСК "Агроинвестбонк" ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" дучанд айён гардид, ки бинобар муддати дароз аз ҷониби бонкҳои мазкур ба пасандоздорон пардохт нагардидани маблағи пасандоз ва дар ин муддат фавтидани теъдоде аз пасандоздорони онҳо боиси саривақт ба расмият надаровардани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқ ба мерос аз ҷониби меросхӯрони пасандоздорони фавтида гардид.

Бинобар ин, бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон ва меросхӯрони қонунии онҳо, Хазина лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" бо таҳрири нави қисми 14 моддаи 22 Қонуни мазкур, ки ҳуқуқи меросхӯрро ба гирифтани ҷубронпулии суғуртавӣ новобаста аз давраи

соҳиб гардидани ҳуқуқ ба мерос пешбинӣ менамояд, таҳия ва дар мувофиқа бо Бонки миллии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор ба баррасии Ҳукумати ҶТ ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки билохир лоиҳаи мазкур аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 24.12.2022с. ба имзо расонида шуд.

Илова бар ин, дар доираи Барномаи болозикри БОР аз ҷониби Хазина лоиҳаи мукаммали дар ҳамкорӣ бо коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ таҳияшудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ", санаи 26.07.2022с. ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод гардид. Дар баробари дигар тағйиротҳо, лоиҳаи Қонуни мазкур васеъ намудани сатҳи фарогирии суғуртаро аз ҳисоби дохил гардидани суратҳисобҳои амонатии соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратиро пешбинӣ менамоянд. Лоиҳаи Қонуни мазкур аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор санаи 05.10.2022с. барои баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид, ки он дар навбати худ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2022с., №572 ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд. Ба ҳолати интиҳои соли 2022 лоиҳаи Қонуни мазкур таҳти баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошт.

### 3.3. Фаъолияти таблиғотӣ ва робита бо ҷомеа

Яке аз ҳадафҳои асосӣ дар фаъолияти Хазина ин пешбурди таблиғоту ташвиқот ҷиҳати баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳли ҷомеа оид ба моҳият ва нақши низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, афзалиятҳо ва нишондиҳандаҳои асосии он ва ба ин васила таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми суғуртаи пасандозҳо ва низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми хабардор будан оиди ҳимоя гардидани пасандозҳои худ, мизоҷон дар ҳолатҳои бухронӣ ба хавфи ваҳм ва ба таври оммавӣ яку якбора бозпас гирифтани пасандозҳои худ, ки боиси бад гардидани вазъи ташкилоти қарзӣ мегардад, роҳ намедиҳанд. Омили мазкури

равонӣ бо назардошти оне, ки низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ маблағи шумораи аксари пасандоздоронро пурра суғурта менамояд, бевосита ба таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Хазина тайи соли охир ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии раванди корӣ дар самти корҳои ташвиқотӣ, паҳнсозии маълумот ва огоҳонии оммаи васеъ оид ба моҳияти низоми суғуртаи пасандозҳо, корҳои муайяне анҷом дод.

Дар давоми соли ҳисоботӣ дар сомонаи расмии Хазина (www.idif.tj) ва шабакаҳои иҷтимоӣ (фейсбук, телеграм) маводҳои иттилоотию таҳлилӣ, эълонҳо ва ахборотҳо мунтазам нашр карда шуданд. Хазина оид ба масъалаҳои мухталифи соҳа, аз ҷумла оид ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина, тағйиротҳо дар низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, оид ба феҳристи ташкилотҳои қарзӣ - узви Хазина, нишондиҳандаҳои таҳлилӣ, оид ба суғуртакунии пасандозҳо ва ахборот вобаста ба фаъолияти Хазина маълумот омода карда, дар сомонаи худ ҷойгир намуд.

Баҳри баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ маводҳои таблиғотӣ ва эълонҳо барои телевизион ва нашрияҳои чопӣ таҳия карда шуда, пахш ва интишор карда шуд.

Ғайр аз ин, ҷиҳати баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои қарзӣ як қатор чорабиниҳо, аз қабили озмун ва иқдомҳои марбут ба ҷалби пасандозҳо, ташкили вохӯриҳо бо аҳолӣ оид ба фаҳмонидани моҳияти суғуртаи пасандозҳо, пахш намудани маводҳои таблиғотию ташвиқотӣ оид ба амалиётҳои пасандозӣ дар воситаҳои ахбори умумро амалӣ карда шуд.

Баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон самти муҳими фаъолияти Хазина ба шумор рафта, Хазина мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ" тартиби қабул ва баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандонро амалӣ менамояд.

Дар соли 2022 ба Хазина дар маҷмуъ 1081 адад арзу муроҷиатҳои шаҳрвандон, аз ҷумла шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, пасандоздорон ва

намояндагони онҳо дар шакли хаттӣ, шифоҳӣ ва электронӣ ворид гардиданд.

Аксарияти дархосту муроҷиатҳои шаҳрвандон - 1001 адад тариқи шифоҳӣ, аз ҷумла тавассути алоқаи телефони маркази тамоси Хазина қабулшуда ворид гардидаанд, рост меояд, ки он 92,6 фоизи ҳамаи муроҷиатҳои дар ин давра қабулгардидаро ташкил медиҳад. Бояд қайд намуд, ки қисми зиёди муроҷиатҳои тавассути алоқаи телефонӣ воридгардида бо ташкил гардидани кори маркази тамоси Хазина ҷиҳати саривақт ба саволҳои шаҳрвандон ҷавоб додан алоқамандӣ дорад.

Мазмуну муҳтавои қариб ҳамаи муроҷиатҳои ба Хазина воридшуда бо масъалаҳои пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони бонкҳои барҳамдодашуда, бахусус ҶСК “Тоҷиксодиротбонк” ва ҶСК “Агроинвестбонк” вобастагӣ доштанд, ки аз ҷониби Хазина ба дархостҳои телефонии пасандоздорон, инчунин муроҷиатҳои шифоҳии шаҳрвандон ҷавобҳои муфассал дода шуд.

Муроҷиатҳои ба таври хаттӣ воридгардида 80 адад ё худ 7,4 фоизи шумораи умумии муроҷиатҳоро дар бар гирифта, аз он 55-тоаш тавассути қабули аризаи шаҳрвандон ва 25-тоаш тариқи почтаи электронӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ воридгардидаро ташкил медиҳанд.

Муҳтавои муроҷиатҳои бо роҳи хаттӣ воридгардида асосан бо қабул ва баррасии аризаҳои пасандоздороне, ки ному насаби онҳо дар феҳристи пасандоздорони барои пардохти ҷубронпулии суғурта дарҷ наёфтааст, инчунин бо аризаҳои аз меросхӯрони пасандоздорон қабулшуда, бинобар сабабҳои узрнок барои ҷубронпулиро гирифтан дар давоми як соли пешбинишуда сари вақт муроҷиат накардан (берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ қарор доштан, дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ будан, бемор ва дар бистарии дуру дароз будан), вобастагӣ дошт.

Нисбати аризаҳои қабулшуда аз ҷониби кормандони масъули Хазина санҷишҳои такрорӣ гузаронида шуда, қисмати зиёди онҳо ба миқдори 52 адад ҳалли худро ёфт. Ҳамзамон, 28 адади аризаҳои қабулшудаи шаҳрвандон дар ҳолати баррасӣ ва иҷроиш қарор дошта, онҳо асосан бо гирифтани маблағи ҷубронпулӣ дар асоси шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос дахл дорад.

## 3.4. Сохтори ташкилӣ ва такмили ихтисоси кормандони Хазина

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" мақоми олии идоракунии Хазина Шӯрои нозирони Хазина буда, он барои назорати умумии фаъолияти Хазина масъул мебошад. Шӯрои нозирон Хазина аз ҳайати зерин иборат аст:

- Раиси Бонки миллии Тоҷикистон – Раиси Шӯрои нозирон;
- Муовини Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ;
- Раиси Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон;
- Раиси Хазина.

Сохтори ташкилии Хазина аз Раис ва кормандони Хазина иборат аст. Раиси Хазина барои идоракунии фаъолияти ҷории Хазина ва иҷрои қарорҳои Шӯрои нозирони Хазина масъул мебошад.

Ба санаи 31 декабри соли 2022 ҳайати кормандони Хазина тағйир наёфт ва мутобиқи ҷадвали вазифавӣ аз 9 нафар кормандони зерин иборат аст: Раис, муовини Раис, сармуҳосиб, сариқтисодчӣ, иқтисодчии пешбар, иқтисодчӣ, ҳуқуқшинос, мутахассис оид ба кор бо ҷомеа ва ронанда. Муносибати кормандон бо Хазина дар асоси шартномаи меҳнатӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар давоми соли ҳисоботӣ бо мақсади такмили ихтисос ва малакаи корӣ кормандони Хазина дар чорабиниҳои дохилӣ ва семинару сафарҳои омӯзишӣ-таҷрибавӣ дар хориҷи кишвар ба қадри имкон иштирок намуданд. Аз ҷумла, роҳбари Хазина дар ҷаласаи солона ва семинари байналмилалӣ дар шаҳри Казан (Русия) доир ба масъалаҳо оид ба суғуртаи пасандозҳо, ки аз ҷониби АБСП (IADI) гузаронида шуд, иштирок намуд. Инчунин, кормандони Хазина дар якчанд онлайн семинарҳо, ки аз ҷониби Кумитаи минтақавии Авруосиё (КМА) тавассути шабакаи интернет гузаронида шуд, фаъолона иштирок намуданд.

Ҳамзамон, дар доираи Барномаи кӯмаки техникии Бонки Осиёгии Рушд (БОР) оид ба таҳкими идоракунии бахшҳои молиявию фискалӣ ва иҷрои талаботҳои матритсаи барномаи мазкур, аз тарафи БОР сафари таҷрибаомӯзии кормандони Хазина ҷиҳати омӯзиши таҷрибаҳои

пешқадами ҷаҳонӣ дар Корпоратсияи суғуртаи пасандозҳои Корея (ш. Сеул, Ҷумҳурии Корея) ташкил карда шуд. Тибқи даъватномаи БОР ва Корпоратсияи суғуртаи пасандозҳои Корея се нафар кормандони Хазина ба Ҷумҳурии Корея сафарбар карда шуда, дар рафти таҷрибаомӯзӣ савияи дониш ва малакаи кории худро сайқал доданд.

### 3.5. Ҳамкориҳои байналмилалӣ

Дар соли сипаришуда бахри тақвияти низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ҳамкориҳои судманд бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, аз қабили Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Осиёгии Рушд (БОР) ва Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА) идома дода шуд.

Дар доираи ин ҳамкориҳо ва ташрифи ҳайатҳои расмии ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ масъалаҳои таъмини устувории молиявии Хазина, беҳтар намудани раванди пардохти ҷубронпулӣ, беҳтар намудани корҳои таблиғотӣ ва ташвиқотӣ оид ба низоми суғуртаи пасандозҳо, идоракунии босамари дороиҳо ва рушди бозори коғазҳои қиматнок, баланд бардоштани сатҳи тайёрии касбӣ ва малакаи кории кормандони Хазина мавриди муҳокима қарор дода шуданд.

Аз ҷумла, Хазина дар доираи лоиҳаи "Барнома оид ба рушди бахши молиявӣ ва идоракунии фискалӣ" бо БОР вобаста ба такмили қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Хазина дар самти васеъ намудани сатҳи фарогирӣ ва андозаи суғуртакунии пасандоздорон, такмили сиёсати сармоягузорӣ, такмили раванди пардохти ҷубронпулии суғурта тавассути пешниҳоди усулҳои электронии пардохти ҷубронпулӣ, ҳамкориҳои зичро ба роҳ монд. Дар натиҷаи он, ба як қатор санадҳои меъёрии Хазина тағйиру иловаҳо қабул карда шуда, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ пешниҳод гардид.

Дар давоми соли 2022 Хазина бо мақсади барқарор намудани захираҳои молиявӣ бо Бонки Ҷаҳонӣ дар доираи лоиҳаи ба нақша гирифташудаи "Рушди бахши молиявӣ ва хусусӣ (гранти MAP)" фаъолона ҳамкорӣ намуд. Дар соли сипаришуда лоиҳаи кӯмаки

техникии мазкур мариди амалӣ қарор дода нашуд. Интизор меравад, ки он дар соли 2023 аз ҷониби Шӯрои директорони Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ тасдиқ карда шавад. Дар рафти ҳамкориҳо бо коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ ҷузъиёти лоиҳаи мазкур мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шуд. Бахусус, дар доираи он ворид намудани тағйиротҳои иловагӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» дар робита ба баланд бардоштани сатҳ ва миқёси фарогирии суғуртаи пасандозҳо ва пасандоздорон пешбинӣ мегардад. Илова бар ин, лоиҳаи мазкур элементи грантии сармоягузорӣ барои барқарор кардани эътимоди пасандоздорон ва маблағгузории Хазина, инчунин дастгирӣ дар самти харид ва татбиқи низоми автматикунонидашудаи таҳияи феҳристи пасандозҳои суғурташуда, беҳгардонии раванди огоҳонӣ ва маълумотдиҳӣ ба ҷомеа, инчунин масъалаҳои баланд бардоштани савияи дониши кормандони Хазинаро низ пешбинӣ менамояд.

Инчунин, Хазина дар чараёни вохӯриҳои доимӣ бо ҳайатҳои ташрифкунандаи ХБА дар доираи машваратҳои Моддаи IV масъалаҳои вобаста ба фаъолияти Хазина ва раванди пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони ташкилотҳои қарзии муфлисшуда, вазъи низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, устувории молиявии Хазина, камбудиҳо ва хавфҳои дар ин ҷода мавҷуда ва роҳҳои ҳалли онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Хазина дар соли ҳисоботӣ бо кишварҳои узви Кумитаи минтақавии Авросиёи Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо (IADI) низ ҳамкориҳои судмандро идома дода, якчанд маротиба дар чорабиниҳои фосилавӣ ва гузаронидани пурсишномаҳои дахлдор иштироки худро таъмин намуд.

Хазина дар Кумитаи мазкур ба сифати мушоҳид фаъолият намуда, иштирок дар ҷаласаҳои он имкон медиҳад, ки фаъолияти худро дар самти омӯзиши таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ оид ба суғуртакунии пасандозҳо, самаранок ва устувор намудани низоми миллии суғуртакунии пасандозҳо, инчунин рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ байни ташкилотҳои суғуртакунии пасандозҳо ривоҷ ёбад.

## 4. ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ ХАЗИНА

Дар соли 2022 ҳаҷми дороиҳои Хазина пас аз коҳишёбии назаррас дар соли қаблӣ, афзоиши муътадил дошт. Тибқи тавозунӣ муҳосибавӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2022 маблағи (дороиҳои) умумии Хазина 158,9 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 24,7 млн. сомонӣ зиёд гардид. Омили асосии афзоиши маблағҳои Хазина пеш аз ҳама бо зиёдшавии пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзии узви Хазина бинобар афзудани ҳаҷми пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ дар ташкилотҳои қарзӣ вобастагӣ дошт.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" ташкилотҳои қарзӣ пардохтҳои тақвимиро аз рӯи уҳдадориҳои худ вобаста ба асъори пасандоз, бо пули миллӣ ва бо асъори хориҷӣ ба Хазина пардохт менамоянд. Аз ин рӯ, маблағи Хазина аз бақияи маблағҳои бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ ташаккулёфта иборат мебошад. Аз маблағи умумии дороихо 104,7 млн. сомонӣ ё худ 65,9 фоиз ба пули миллӣ ва 54,2 млн. сомонӣ ё худ 34,1 фоиз ба асъори хориҷӣ рост меояд.

**Маблағи Хазина ба ҳолати 31 декабр, бо млн. сомонӣ**
**(манбаъ: Хазина)**



Суръати афзоиши дороиҳои Хазина дар соли ҳисоботӣ раванди мусбиро касб карда, афзоиши он 18,4 фоизро ташкил дод.

Дар соли 2022 андозаи ниҳоии маблағи Хазина[7], ки таносуби маблағи Хазинаро нисбат ба ҳаҷми умумии пасандозҳои шахсони воқеии ташкилотҳои қарзӣ инъикос менамояд, 2,0 фоизро ташкил намуда, дар муқоиса ба нишондиҳандаи соли қаблӣ 0,5 банди фоизӣ коҳиш ёфт, ки он асосан бо суръати афзоиши зиёдтари ҳаҷми умумии пасандозҳои шахсони воқеии ташкилотҳои қарзӣ нисбат ба дороиҳои Хазина алоқаманд мебошад.

**Афзоиши дороиҳои Хазина ва пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ, бо фоиз**




**Андозаи ниҳоии маблағи Хазина, бо фоиз**
**(манбаъ: Хазина)**




Дар соли ҳисоботӣ даромади Хазина маблағи 674,2 ҳаз. сомониро ташкил дод, ки аз он даромади фоизии Хазина ба маблағи 616,7 ҳаз. сомонӣ аз ҳисоби фаъолияти сармоягузорӣ ба даст оварда шудааст.

Хароҷотҳои амалиётии Хазина бошанд дар доираи харҷномаи аз ҷониби Шӯрои нозирони Хазина тасдиқшуда ҷамъбаст ёфт. Хароҷотҳои умумии Хазина дар соли ҳисоботӣ 1 699,4 ҳаз. сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба соли қаблӣ 44,1 фоиз камтар мебошад. Дар умум, коэффитсиенти азхудкунии маблағҳо ё худ ҳиссаи хароҷотҳои воқеии

*[7] Андозаи ниҳоӣ тибқи Қонун дар ҳаҷми 7,0 фоизи бақияи умумии пасандозҳои шахсони воқеӣ, ки дар ташкилотҳои қарзӣ мавҷуд аст, муқаррар карда шудааст.*

Хазина нисбат ба харҷномаи тасдиқшуда 97,4 фоизи хароҷотҳои дар соли 2022 ба нақша гирифташударо ташкил дод.

Хазина дар соли 2022 фаъолияти молиявии худро бо зарар ҷамъбаст намуда, тибқи ҳисоботи маҷмӯии фоида ва зарар маблағи он – 6 462,9 ҳаз. сомониро ташкил дод. Нишондиҳандаи манфии мазкур асосан бо зарари аз ҳисоби азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ дар натиҷаи коҳишёбии қурби асъори хориҷӣ ба вуҷудомада, вобастагӣ дошт. Аз ҷумла, таъсири беқурбшавии асъори хориҷӣ ва вобаста ба он азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ – 5 437,7 ҳаз. сомонӣ ё худ 84,1 фоизи зарари дар соли молиявии 2022 бавуҷудомадаро ташкил дод.

**Даромади софи Хазина, бо млн. сомонӣ** (манбаъ: Хазина)




Санҷиши фаъолияти молиявии Хазина барои соли 2022 аз тарафи ширкати аудитории ҶДММ "Моор Стивенс" гузаронида шуд. Тибқи хулосаи ширкати аудиторӣ ҳисоботҳои молиявии Хазина ва нишондиҳандаҳои он, ҳолат ва натиҷаҳои молиявии Хазинаро дар санаи 31 декабри соли 2022 дар мутобиқат бо Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дуруст инъикос намуда, харҷномаи Хазина, ки аз тарафи Шӯрои нозирони Хазина тасдиқ гардидааст, риоя карда шудааст.

# ЗАМИМАҲО

**Замимаи №1**

## ТАВОЗУНИ МУҲОСИБАВӢ
**ба ҳолати 31 декабри соли 2022 (бо сомонӣ)**

| | 31.12.2022 | 31.12.2021 |
|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | |
| Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзиши онҳо | 58 698 227 | 84 238 275 |
| Дороиҳои молиявӣ то муҳлати пардохт | 99 750 375 | 49 875 187 |
| Фоизҳои ҳисобшуда барои гирифтан | 120 698 | 78 179 |
| Гарави барои бозфурӯш гирифташуда | 282 434 | 0 |
| Воситаҳои асосӣ | 72 435 | 78 651 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 18 659 | 20 732 |
| Дигар дороиҳо | 4 022 | 4 597 |
| **Ҷамъ дороиҳо** | **158 946 850** | **134 295 621** |
| | | |
| **УҲДАДОРИҲО** | | |
| Уҳдадорӣ аз рӯи ҷубронпулиии суғурта | 0 | 14 674 048 |
| Дигар уҳдадориҳо | 40 034 | 88 089 |
| **Ҷамъ уҳдадориҳо** | **40 034** | **14 762 137** |
| | | |
| **САРМОЯ** | | |
| Сармояи пардохтшудаи саҳомӣ | 590 232 | 590 232 |
| Сармояи изофа | 2 030 286 | 2 000 286 |
| Захира барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда | 164 681 869 | 114 849 175 |
| Фоидаи тақсимнашуда (зарар) | (8 395 571) | 2 093 793 |
| **Ҷамъ сармоя** | **158 906 816** | **119 533 484** |
| **ҶАМЪ УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | **158 946 850** | **134 295 621** |

**Замимаи №2**

## ҲИСОБОТИ МАҶМӮИИ ФОИДА ВА ЗАРАР
### ба ҳолати 31 декабри соли 2022 (бо сомонӣ)

| | 31.12.2022 | 31.12.2021 |
|---|---|---|
| Даромади фоизӣ ва дисконт аз коғазҳои қиматнок то мухлати пардохт | 616 657 | 957 492 |
| Дигар даромадҳо | 57 555 | 158 434 |
| **Ҷамъ даромадҳо** | **674 212** | **1 115 926** |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | 1 699 415 | 3 039 902 |
| Даромад (зарар) аз азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ | (5 437 724) | (8 669) |
| **Фоида (зарар) то андозбандӣ** | **(6 462 927)** | **(1 932 645)** |
| Андоз аз фоида | - | - |
| **Фоида (зарар)-и соф** | **(6 462 927)** | **(1 932 645)** |

**Замимаи №3**

## ҲИСОБОТИ ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ
### ба ҳолати 31 декабри соли 2022 (бо сомонӣ)

| | 31.12.2022 | 31.12.2021 |
|---|---|---|
| **Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | | |
| Пардохти ҳаққи узвият | 30 000 | 30 000 |
| Пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ | 24 781 693 | 19 835 110 |
| Воридшавии маблағ аз ташкилоти қарзии барҳамхӯрда | 159 163 | 211 583 |
| Дигар даромадҳо | 57 555 | 158 434 |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | (1 610 522) | (1 414 768) |
| Пардохти комиссия ба бонк-агентҳо | (6 922) | (1 552 510) |
| Пардохти боҷи давлатӣ | 0 | 0 |
| Пардохти ҷубронпулии суғурта | (1 220 357) | (193 844 207) |
| Пешпардохти ҷубронпулии суғурта | 0 | 0 |
| Бозгашти ҷубронпулии пардохтнашуда аз бонк-агент | 7 014 619 | 2 696 |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | **29 205 230** | **(176 573 661)** |
| **Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | | |
| Хариди амвол ва таҷҳизот | (6 505) | (19 286) |
| Харидории таҷҳизотҳои корӣ | 0 | 0 |
| Харидории дориҳои ғайримоддӣ | 0 | 0 |
| Даромад аз фурӯши моликият ва таҷҳизотҳо | 0 | 0 |
| Фоизи (дисконти) гирифташуда аз рӯи коғазҳои қиматнок | 574 138 | 1 110 833 |
| Харидории коғазҳои қиматнок | (279 301 049) | (369 076 386) |
| Бозгашти воситаҳои пулии аз коғазҳои қиматнок | 229 425 862 | 443 889 167 |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | **(49 307 554)** | **75 904 328** |
| **Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | | |
| Бароришi саҳмияҳои оддӣ | 0 | 0 |
| Суди саҳмияҳои оддӣ | 0 | 0 |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | **0** | **0** |
| **Тағйирёбии қурби асъор** | **(5 437 724)** | **(8 669)** |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ** | **(25 540 048)** | **(100 678 002)** |
| **Воситаҳои пулӣ дар аввали сол** | **84 238 275** | **184 916 278** |
| **Воситаҳои пулӣ дар охир сол** | **58 698 227** | **84 238 275** |

**Замимаи №4**

## ҲИСОБОТ ОИД БА ТАҒЙИРОТҲО ДАР САРМОЯ
### ба ҳолати 31 декабри соли 2022 (сомонӣ)

| | Сармояи саҳҳомии пардохтшуда | Фоида/ зарари тақсим-нашуда | Сармояи изофа | Захира барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда | ҶАМЪ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Бақия ба санаи 31.12.2021** | **590 232** | **2 093 792** | **2 000 286** | **114 849 174** | **119 533 484** |
| **Фоидаи (зиён) софи давраи ҳисоботӣ** | **-** | **(6 462 927)** | **-** | **-** | **(6 462 927)** |
| Зиёдшавии сармояи изофа | - | - | 30 000 | - | 30 000 |
| Зиёдшавии захира барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда | - | - | - | 24 781 693 | 24 781 693 |
| Тасҳеҳи фоида (зиён) | - | (4 026 436) | - | 77 520 | - |
| Истифодаи захира барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда (ҷубронпулӣ) | - | - | - | (521 142) | (521 142) |
| Бозгашти ҷубронпулии пардохтшуда | - | - | - | 562 640 | 562 640 |
| Бозгашти ҷубронпулии пардохтнашуда аз бонк-агент | - | - | - | 20 983 067 | 20 983 067 |
| **Бақия ба санаи 31.12.2022** | **590 232** | **(8 395 570)** | **2 030 286** | **164 849 174** | **158 906 816** |

**Замимаи №5**

## ФЕҲРИСТИ
## ташкилотҳои қарзии узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2022

| № | Номгӯи ташкилоти қарзӣ | Тасдиқнома | Суроғаи ташкилоти қарзӣ |
|---|---|---|---|
| | **Бонкҳо** | | |
| 1 | ҶСК ”Ориёнбонк” | №002 | ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 95/1 |
| 2 | ҶСК ”Бонки Эсхата” | №006 | ш. Хуҷанд, кӯчаи Гагарина 135 |
| 3 | ҶСП ”Аввалин бонки молиявии хурд” | 007 | ш. Душанбе, кӯчаи Пушкин 10 |
| 4 | ҶСП ”Бонки рушди Тоҷикистон” | 010 | ш. Душанбе, кӯчаи Пушкин 20 |
| 5 | ҶСП ”Халиқ Бонк Тоҷикистон” | 011 | ш. Душанбе. кӯчаи Айнӣ 42 |
| 6 | ҶСП ”Спитамен Бонк” | 013 | ш. Душанбе, кӯчаи Шамсӣ 4 |
| 7 | ҶСП Бонки "Арванд" | 025 | ш. Хуҷанд, хиёбони И. Сомони 1А |
| 8 | ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 055 | ш. Душанбе, кӯчаи Бухоро 27 |
| 9 | ҶСК “Алиф Бонк” | 056 | ш. Душанбе, кӯчаи Баҳовуддинов 9 |
| 10 | ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 058 | ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар 37/1 |
| 11 | Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 060 | ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 88 |
| 12 | ҶСП ”Душанбе Сити Бонк” | 064 | ш. Душанбе, кӯчаи Соҳилӣ 5 |
| | **Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд** | | |
| 13 | ҶСП ТАҚХ “Ҳамров” | 016 | ш. Душанбе, хиёбониРӯдакӣ 172/2, х..29 |
| 14 | ҶДММ ТАҚХ “Тамвил” | 019 | ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 110 |
| 15 | ҶДММ ТАҚХ “Фазо С” | 020 | ш. Душанбе, кӯчаи Деҳи боло 180 |
| 16 | ҶДММ ТАҚХ ”Финка” | 022 | ш. Душанбе, кӯчаи Ч. Расулов 9 |
| 17 | ҶДММ ТАҚХ ”Зудамал” | 023 | ш. Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ 40 |
| 18 | ҶДММ ТАҚХ “Матин” | 026 | ш. Хуҷанд, кӯчаи Шарқ 84 |
| 19 | ҶДММ ТАҚХ “Арғун” | 027 | ш. Душанбе, кӯчаи Фотеҳ Ниёзӣ 36 |
| 20 | ҶДММ ТАҚХ “Сомон-Тиҷорат” | 038 | ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 58 |
| 21 | ҶДММ ТАҚХ “Азизӣ-Молия” | 041 | ш. Хуҷанд, кӯчаи Ленин 203 Б |
| 22 | ҶСП ТАҚХ "Имон Интернешнл" | 044 | ш. Хуҷанд, микр-н 17, иншооти 2 |
| 23 | ҶДММ ТАҚХ "Тезинфоз" | 045 | ш. Душанбе, кӯчаи Яккачинор 144/1 |
| 24 | ҶСП ТАҚХ "Ҳумо" | 046 | ш. Душанбе, кӯчаи Н. Карабоев 148/1 |
| 25 | ҶДММ ТАҚХ "Сарват М" | 049 | ш. Душанбе, кӯчаи Советский 18 |
| 26 | ҶСП ТАҚХ "Ардо-Капитал" | 059 | ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки 1 “А” |
| 27 | ҶДММ ТАҚХ "Васл" | 061 | ш. Душанбе, кӯчаи Назаршоева 80 |
| 28 | ҶДММ ТАҚХ "Пайванд Гуруҳ" | 062 | ш. Душанбе, кӯчаи Деҳи боло 180 |
| 29 | ҶСП ТАҚХ "Фуруз" | 063 | ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ 27 |
| 30 | ҶСП ТАҚХ "Сандуқ" | 065 | ш. Душанбе, кӯчаи Истаравшан 18 |



**ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ ПАСАНДОЗҲОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,**
**кӯчаи Маяковский 77/2**
**Тел: +992 44 600 32 45**
**Email: info@idif.tj**
**Сомона: www.idif.tj**